# КОНУНИ

# ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ХУКУКИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ХАРБӢ

(Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, с. 2005, №3, мод. 130; с. 2006, №3, мод. 150;

с. 2008, №6, мод. 449; №10, мод. 799; с. 2012, №8, мод. 822; с. 2014, №11, мод. 661; Конуни ЧТ аз 02.01.2018 с., №1479)

*Бо Карори Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон*

*аз 15-уми декабри соли 2004,  1279*

*(Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон,  12 (к.3), соли 2004, моддаи 713) кабул гардидааст.*

*Бо Карори Мачлиси миллии Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон*

*аз 11-уми феврали соли 2005,  604*

*(Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон,  2, соли 2005, моддаи 80) чонибдорӣ гардидааст.*

Конуни мазкур дар асоси Конститутсияи Чумхурии Точикистон хукуку озодихо, масъулияту вазифахои хизматчиёни харбӣ, инчунин асосхои сиёсати давлатиро дар сохаи химояи хукукӣ ва ичтимоии хизматчиёни харбӣ, шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд ва аъзои оилаи онхоро муайян менамояд. ***(*КЧТ аз 02.01.18 с.,  1479)**

**БОБИ I.**

**МУКАРРАРОТИ УМУМӢ**

## Моддаи 1. Вазъи хукукии хизматчиёни харбӣ

1. Вазъи хукукии (статуси) хизматчиёни харбӣ мачмӯи хукуку озодихои кафолатдодаи давлат, хамчунин масъулияту вазифахои хизматчиёни харбӣ мебошад, ки Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мукаррар намудаанд.

2. Хизматчиёни харбӣ дорои хукуку озодихои инсон ва шахрванд, бо махдудкунии муайяне мебошанд, ки Конститутсияи Чумхурии Точикистон, Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мукаррар намудаанд. ***(*КЧТ аз**

**02**
**.**
**01**
**.1**
**8**
**с., 1**
**479**
**)**

Ба зиммаи хизматчиёни харбӣ вазифаи омодагии чангӣ барои химояи мусаллахона ва химояи мусаллахонаи Чумхурии Точикистон гузошта шудааст, ки он бо зарурати ичрои бечунучарои ин вазифа дар хар шароит, аз чумла бо тахдиди хатар барои хаёт вобаста мебошад. Вобаста ба хусусиятхои махсуси вазифахое, ки ба зиммаи хизматчиёни харбӣ гузошта шудаанд, ба онхо имтиёзу кафолат ва чубронпулихо дода мешаванд.

*Хусусиятхои вазъи хукукии хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро дар замони чанг, дар давраи сафарбарӣ, дар вакти ичрои хизмати харбӣ дар вазъияти фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона адо мекунанд, тибки конунгузории Чумхурии Точикистон, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон танзим карда мешаванд.*

1. Ба хизматчиёни харбӣ хуччатхои тасдиккунандаи шахсият, шахрвандӣ ва вазъи хукукии онхо дода мешаванд.

Тартиби ба хизматчиёни харбӣ додани хуччатхои номбурда ва маблаггузории чорабинихои вобаста ба додани онхо аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

1. Хизматчиёни харбӣ барои нигохдорӣ, гирифта гаштан ва истифода бурдани *силох* бо тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон хукук доранд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

2. *Макомоти хокимияти давлатии Чумхурии Точикистон, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва ташкилотхо хукук доранд дар доираи ваколатхои худ ба хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшудаи Чумхурии Точикистон (минбаъд шахрвандон) ва аъзои оилаи онхо имтиёзу кафолат ва чубронпулихои иловагӣ мукаррар намоянд.*

**Моддаи 2. Шахрвандоне, ки дорои вазъи хукукии хизматчии харбӣ мебошанд**

1. Хизматчиёни харбӣ мутобики Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ» хизмати харбиро адо менамоянд.

Ба чумлаи хизматчиёни харбӣ инхо мансубанд:

афсарон, прапоршикхо, курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ, сержантхо ва аскарон (минбаъд – хизматчиёни харбӣ).

1. Шахрвандон вазъи хукукии хизматчии харбиро аз ибтидои хизмати харбӣ сохиб шуда, баъди анчоми хизмати харбӣ аз он махрум мегарданд.
2. Барои шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ даъват шудаанд, вазъи хукукии хизматчии харбӣ дар холатхо ва бо тартиби пешбининамудаи Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дода мешавад.
3. *Барои шахрвандоне, ки хизмати харбиро дар кисмхои харбии Куввахои Мусаллахи собик Иттиходи Шӯравӣ (минбаъд- ИЧШС), дигар сохторхои харбии ИЧШС ва давлатхои иштирокчии Иттиходи Давлатхои Мустакил то тахти салохияти Чумхурии Точикистон кабул гардидани сохторхои харбии номбурда адо намудаанд ва ба хизмати харбии Куввахои Мусаллах, дигар кӯшунхо ва сохторхои харбии Чумхурии Точикистон гузаштаанд, имтиёзу кафолат ва чубронпулихое, ки Конуни мазкур, конунхо, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон бо шарти мавчуд будани шартномахои дахлдори байналмилалие, ки Чумхурии Точикистон эътироф намудааст, нигох дошта мешаванд.*
4. Вазъи хукукии хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро дар ***худуди*** давлатхое, ки дар кисми чоруми моддаи мазкур зикр нашудаанд, хамчунин хизматчиёни харбие, ки ба куввахои мусаллахи давлатхои номбурда бо тартиби хамкории харбӣ фиристода шудаанд, мутобики шартномахои байналмилалии Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад. ***(*****КЧ**

**Т аз**

**02**

**.**
**01**
**.1**
**8**
**с., 1**
**479**
**)**

5. Имтиёзу кафолат ва чубронпулихое, ки Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон пешбинӣ менамоянд, ба инхо мукаррар карда мешаванд:

- ба хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо;

- ба шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ дар Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, дигар кўшунхо, сохторхои харбии давлатхои иштирокчии Иттиходи Давлатхои Мустакил рухсат шудаанд ва ба аъзои оилаи онхо.

-ба шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ дар Куввахои Мусаллахи собик ИЧШС, кўшунхои сархадӣ, дохилӣ ва рохи охан, кўшунхои мудофиаи граждан, макомот ва кўшунхои макомоти бехатарии давлат, дигар сохторхои харбии ИЧШС рухсат шудаанд ва аъзои оилаи онхо.

1. Ба аъзои оилаи хизматчиёни харбӣ, шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ рухсат шудаанду ба онхо имтиёзу кафолат ва чубронпулихо дода мешаванд, агар дар Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, инхо мансубанд:

- хамсар;

- фарзандони ба балогат нарасида;

- фарзандони аз 18-сола боло, ки то расидан ба синни 18 солагӣ маъюб шудаанд;

- фарзандони то 23-сола, ки аз рӯи шакли тахсили рӯзона дар муассисахои таълимии рӯзона тахсил мекунанд;

- шахсоне, ки дар таъминоти хизматчиёни харбӣ карор доранд.

1. Ба хизматчиёни харбӣ ва шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд, собикадорони Чанги Бузурги Ватанӣ ва иштирокчиёни амалиётхои чангӣ дар ***худуди***
дигар давлатхо, собикадорони хизмати харбӣ, хамчунин собикадороне, ки ӯхдадории хизмати харбиро дар вазъияти фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона ичро намудаанд, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мумкин аст имтиёзу кафолат ва чубронпулихои иловагӣ мукаррар карда шаванд.
**(КЧТ аз 02.01.18 с., 1479)**

2. Кафолатхои хукукию ичтимоии шахрвандони ноболиге,ки дар муассисахои таълимии тахсилоти умумии миёнае (пурра) тахсил мекунанд, ки барномахои иловагии таълимиашон дорои максади омодагии харбӣ мебошанд, бо конунхо ва дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешаванд.
3. Барои хизматчиёни харбие, ки асир афтодаанд ё гаравгон гирифта шудаанд, хамчунин дар мамлакатхои бетараф боздошт шудаанд, вазъи хукукии хизматчиёни харбӣ нигох дошта мешавад. Макомоти хокимияти давлатӣ ва фармондехии харбӣ ӯхдадоранд барои озод намудани хизматчиёни харбии номбурда мутобики меъёрхои хукуки байналмилалӣ тадбирхо андешанд.

Ба хизматчиёни харбии номбурда маош, таъминоти моддӣ ва дигар навъхои таъминот, ки ба хамсар ё дигар аъзои оилаи хизматчиёни харбии бо онхо хамрох истикоматкунанда бо тартиби мукаррарнамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон то пурра муайян шудани холати асир афтодан ё гаравгон гирифтан, боздошти хизматчиёни харбӣ ё озодшавии онхо дода мешаванд.

1. Хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатӣ шуда ва аъзои оилаи онхо, ки мутобики Конуни мазкур ба имтиёз, кафолат ва чубронхо хукук доранд, аз имтиёз, кафолат ва чубронхои мувофики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, хамчунин санадхои меъёрии хукукии макомоти махаллии хокимияти давлатӣ барои шахрвандон мукаррарнамуда истифода мебаранд. Агар шахсони номбурда дар як вакт хукуки гирифтани ин ё он имтиёз, кафолат ва чубронхоро мувофики якчанд асосхо дошта бошанд, ба онхо мувофики интихобашон дар як асос, бо истиснои холатхои махсуси пешбининамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон имтиёз, кафолат ва чубронхо дода мешаванд.

**Моддаи 3. Кафолати хифзи хукукию ичтимоии хизматчиёни харбӣ, шахрвандоне, ки**

**аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд ва аъзои оилаи онхо**

1. Конуни мазкур барои хизматчиёни харбӣ системаи ягонаи хифзи хукукию ичтимоӣ, хамчунин таъминоти моддӣ ва дигар навъхои таъминотро бо назардошти вазифахои харбии ишголкарда, рутбахои харбии додашуда, мӯхлати умумии хизмати харбии имтиёзнок, ичрои вазифахо, шароит ва тартиби адои хизмати харбии онхоро мукаррар менамояд.
2. Хифзи хукукии хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсат шуда ва аъзои оилаи онхо вазифаи давлатӣ буда, дар конунхо, дигар санадхои меъёрию хукукӣ ифода ёфтани хукуку имтиёз, кафолат ва чубронпулихои шахсони номбурда ва дигар чорахо оид ба хифзи ичтимоӣ ва хамчунин тартиби хукукии амалӣ намудани онхоро пешбинӣ менамояд.
3. Хифзи ичтимоии хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсат шуда ва аъзои оилаи онхо вазифаи давлатӣ буда, инхоро пешбинӣ менамояд:

- амалӣ намудани хукуку имтиёзхо, кафолат ва чубронпулихои онхо аз чониби макомоти хокимияти давлатӣ, макомоти идоракунии харбӣ ва макомоти махаллии хокимияти

давлатӣ;

- мукаммалгардонии тартиб ва коидахои хифзи ичтимоии шахсони номбурда;

-хифзи хаёт ва саломатии онхо, хамчунин дигар чорахое, ки ба ташкили шароити хаёту фаъолияти ба хусусиятхои хизмати харбӣ дахлдор ва накши он дар чамъият равона шудаанд.

1. Амалӣ намудани чорахои хифзи хукукию ичтимоии хизматчиёни харбӣ ва шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо ба зиммаи макомоти хокимияти давлатӣ, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ, судхо, макомоти хифзи хукук дар доираи ваколатхои онхо гузошта шуда, хамчунин вазифаи командирон (сардорон) (минбаъд – командирон) мебошад. Ба амалӣ намудани хукуки хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо хамчунин метавонанд мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон иттиходияхои чамъиятӣ мусоидат намоянд.
2. Хеч кас ***хукук*** надорад, ки хукуку озодихои ба хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо кафолатдодаи Конститутсияи Чумхурии Точикистон ва Конуни мазкурро махдуд созад. Шахсони мансабдори макомоти хокимияти давлатӣ, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва ташкилотхо, хамчунин командироне, ки барои ичро накардани вазифахо доир ба амалӣ намудани хукуки хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо гунахкоранд, мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ба чавобгарӣ кашида мешаванд. ***(*КЧТ аз 02.01.18 с., №1479; *(*КЧТ аз 02.01.18 с., №1479)**

*Хангоми амалӣ намудани даъват ба хизмати харбӣ, хамчунин хангоми рухсат шудани хизматчиёни харбӣ аз хизмати харбӣ давлат ичрои ӯхдадорихои пешбининамудаи Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистонро кафолат медихад.*

**Моддаи 4. Асосхои хукукии вазъи хукукии хизматчиёни харбӣ**

Асосхои хукукии вазъи хукукии хизматчиёни харбӣ аз Конститутсияи Чумхурии Точикистон, Конуни мазкур, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва санадхои хукукии байналмилалие, ки Чумхурии Точикистон эътироф намудааст, иборат мебошанд. ***(*КЧТ аз 02.01.18 с., 1479)**

## БОБИ II

## ХУКУК ВА ОЗОДИХОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ХАРБӢ, ШАХРВАНДОНИ АЗ ХИЗМАТИ ХАРБ Й РУХСАТШУДА

## ВА АЪЗОИ ОИЛАИ ОНХО

### Моддаи 5. Хифзи озодӣ, шараф ва эътибори хизматчиёни харбӣ

1. Хизматчиёни харбӣ тахти химояи давлат карор доранд. Хеч кас хукук надорад, ки ба фаъолияти хизматии хизматчиёни харбӣ, ба истиснои шахсоне, ки тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, инчунин оинномахои умумихарбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон (минбаъд-оинномахои умумихарбӣ) ваколатдоранд, дахолат кунад.
2. Тахкири хизматчиёни харбӣ, зӯроварӣ ва тахдиди истифода бурдани зӯрӣ, суикасд ба хаёту саломатӣ, шаъну шараф, манзилу *молу мулки* онхо, хамчунин дигар амалиёте (беамалие), ки хукуки онхоро бинобар ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ вайрон мекунад ва паст мезанад, мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии

Чумхурии Точикистон боиси чавобгарӣ мебошанд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

3. Хизматчиёни харбӣ аз чумла ба сифати чазои интизомӣ бо нигох доштан дар гауптвахта, танхо мувофики асосхо ва бо тартибе, ки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, оинномахои умумихарбӣ пешбинӣ намудаанд, метавонанд боздошт гарданд ва ё ба хабс гирифта шаванд.

Дар холатхои боздошти хизматчиёни харбӣ берун аз чойгиршавии кисми харбие, ки дар он хизмати харбиро адо мекунанд, макомоти идоракунии харбӣ ва макомоти прокуратураи харбӣ таъчилан огох карда мешаванд. Дар мавриди огози кори чиноятӣ ва ба хабс гирифтани хизматчии харбӣ таъчилан волидайнаш огох карда мешаванд.

**Моддаи 6. Озодии сухан, вичдон ва мазхаб**

1. Хизматчиёни харбӣ хукукхои худро ба озодии сухан, изхори афкору акида, имконияти дастрас ва пахн кардани иттилоот амалӣ намуда, хукук надоранд, ки сирри давлатиро ифшо карда, фармони командирро мухокима ва танкид намоянд.
2. Иштироки хизматчиёни харбӣ дар корпартоихо, пикетхо, нофармонихои оммавии зиддидавлатӣ ва дигар амалиёти эътирозӣ ё ташкили онхо, инчунин дигар намуди катъкунии ичрои вазифахои хизмати харбӣ хамчун воситаи халлу фасли масъалахои ба хизмати харбӣ алокаманд, манъ аст.
3. Хизматчиёни харбӣ хукук доранд муносибати худро нисбат ба дин мустакилона муайян намоянд, алохида ва ё якчоя бо дигарон хар гуна динро пайравӣ намоянд ва ё пайравӣ накунанд.
4. Хизматчиёни харбӣ хукук надоранд аз рӯи эътикоди динии худ аз ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ даст кашанд ва ваколатхои хизматии худро барои таблиготи ин ё он дин истифода намоянд.

5.Хизматчиёни харбӣ дар вактхои озод будан аз хизмати харбӣ хукук доранд хамчун шахси алохида ба ибодат машгул шуда, дар маросимхои динӣ иштирок намоянд.

1. Ташкили иттиходияхои динӣ ва хизбхои сиёсӣ дар кисми харбӣ манъ аст.

**Моддаи 7. Хукуки гаштугузори озодона ва дигар кардани махалли хизмати харбӣ**

1. Хизматчиёни харбӣ хукуки гаштугузори озодона карданашонро бо назардошти аз тарафи онхо нигох доштани омодагии чангии кисмхои харбӣ ва саривакт хозир шудан ба махалли хизмати харбӣ амалӣ мегардонанд.

Хукуки гаштугузор кардан дар худуди кисми харбӣ, берун баромадан аз худуди гарнизоне, ки дар ***худуди*** он хизмати харбиро адо менамоянд, бо оинномахои умумихарбӣ муайян карда мешавад. ***(*****КЧТ аз 02.01.18 с., 14 79 )**

1. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро ба тарзи ихтиёрӣ адо менамоянд, хукук доранд махалли хизмати харбиашонро дигар кунанд, аз он чумла ба махалли дигар бо назардошти шартхои адои хизмати харбӣ, ахволи саломатии хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо (дар асоси хулосаи комиссияи тиббии харбӣ) ва дигар асосхои мукаррарнамудаи Низомнома дар бораи тартиби адои хизмати харбӣ барои адои хизмати харбӣ гузаранд.

**Моддаи 8. Хукуки иштирок дар идоракунии корхои давлатӣ ва иттиходияхои чамъиятӣ**

1. Хизматчиёни харбӣ хукук доранд тибки Конститутсияи Чумхурии Точикистон, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ба макомоти хокимияти давлатӣ ва макомоти махалли хикимияти давлатӣ интихоб намоянд ва интихоб шаванд, дар райъпурсӣ, хамчунин дигар шаклхои амалӣ гардонидани худидораи махаллӣ иштирок намоянд. ***(*КЧТ аз 02.01.18 с., № 1479)**

Хусусиятхои вазъи хукукии хизматчиёни харбие, ки ба макомоти хокимияти давлатӣ ва макомоти махаллии хокимияти давлатӣ интихоб шудаанд, мутобики, конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешаванд.

1. Дохил шудани хизматчиёни харбӣ ба хизбхои сиёсӣ ё ташкилотхои чамъятӣ, ки максади сиёсӣ доранд, манъ аст, инчунин узвият ба онхо дар давраи адои хизмати харбӣ боздошта мешавад.

**Моддаи 9. Хукук ба мехнат**

1. Хизматчиёни харбӣ хукуки мехнатро вобаста ба адои хизмати харбӣ амалӣ мегардонанд.
2. Тартиби бахисобгирии мӯхлати умумии хизмати харбӣ, хамчунин мӯхлати умумии хизмати харбии имтиёзнокро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян менамояд.
3. Мӯхлати карор доштани шахрвандон дар хизмати харбӣ бо тартиби ихтиёрӣ ба собикаи умумии корӣ ва ба собикаи кор аз рӯи ихтисоси онхо аз хисоби як рӯзи хизмати харбӣ баробар ба як рӯзи корӣ хисобида мешавад, мӯхлати карор доштани шахрвандон дар хизмати харбӣ мувофики даъват (аз чумла афсароне, ки ба хизмати харбӣ даъват мешаванд) бошад – як рӯзи хизмати харбӣ баробар ба ду рӯзи корӣ хисоб карда мешавад.
4. Мӯхлати адои хизмати харбии хизматчиёни харбӣ дар вазифахои харбие, ки бо афзоиши хатар барои хаёту саломатӣ вобастаанд, хангоми мукаррар намудани нафакаи пиронсолӣ вобаста бо шароитхои махсуси мехнат ё нафакаи мӯхлати хизмат, мутобики фехристи дахлдори тасдикнамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон ба собикаи махсус хисоб карда мешавад.

5. Ба собикаи умумии мехнатии хамсарони хизматчиёни харбии бо тартиби ихтиёрӣ хизмати харбиро адокунанда, ки барои мукаррар намудани нафака зарур аст, хамаи давраи истикомат бо хамсар то соли 1997 новобаста ба махалли чойгиршавии кисмхои харбӣ, аз соли 1998 дар махалхое, ки онхо натавонистаанд бинобар набудани имкониятхои бо кор таъминкунӣ мувофики ихтисос мехнат кунанд ва бо тартиби мукарраршуда бекор дониста шудаанд, хамчунин даврахое, ки хамсари хизматчиёни харбӣ-шахрвандон мачбур буданд мувофики вазъи саломатии фарзандон, вобаста бо шароити истикомат дар махалли хизмати харбии хамсарон кор карда натавонистанд, агар мувофики хулосаи муассисаи хифзи саломатӣ фарзандони онхо ба нигохубини доимӣ эхтиёч доштаанд, хисоб карда мешаванд. Даврахои зикршуда фосилаи собикаи мехнатиро, ки барои гирифтани мададмаош аз рӯи сугуртаи ичтимоӣ зарур аст, катъ намекунад.

6. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро дар махалхои баландкӯх ва махалхои дорои шароити номусоиди иклимӣ ё экологӣ, ё берун аз худуди Чумхурии Точикистон, хамчунин дар вазифахои харбие, ки бо тахдиди хатар барои хаёту саломатӣ вобастаанд, адо мекунанд, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон имтиёзу кафолат ва чубронпулихои иловагӣ мукаррар карда мешаванд.

Фехристи ин нохияву махалхоро Хукумати Чумхурии Точикистон, номгӯи вазифахои харбии мазкурро Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон муайян мекунанд.

1. Хизматчиёни харбӣ хукук надоранд:

- ба дигар фаъолияти музднок машгул шаванд, ба гайр аз фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва эчодӣ, бе расонидани зарар ба ичрои ӯхдадории асосии хизматӣ бо ичозати рохбарони вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст;

- шахсан ё тавассути шахсони боваринок ба фаъолияти сохибкорӣ машгул шаванд, аз чумла дар идоракунии ташкилотхои тичоратӣ иштирок кунанд, хамчунин ба шахсони вокеӣ ва хукукӣ дар амалӣ гардонидани фаъолияти сохибкорӣ бо истифода аз вазъи хизматии худ мусоидат намоянд;

- воситахои молиявию *молу мулки* кисми харбӣ, хамчунин дигар *молу мулки* давлатиро ба гайр аз холатхои мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мукарраргардида ба максадхои новобаста ба ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ истифода баранд;

**(КЧТ аз 27.11.14с.,  1152)**

- аз шахсони вокеӣ ва хукукӣ подош (тӯхфахо, хизматона, карз, хизматрасонӣ, харочоти вактхушӣ, истирохат, наклиёт ва дигар подошхо) гирад, ки бо ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ вобастаанд, ба истиснои тӯхфахои кимматнок (аз чумла хоса) ва маблаге, ки мутобики оинномахои умумихарбӣ ба тарики хавасмандгардонӣ хизматчиёни харбӣ кадр карда мешаванд;

- бе ичозати Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон (рохбари вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), мукофотхои давлатхои хоричӣ, ташкилотхои хоричию байналмилалиро кабул намоянд;

- аз хисоби шахсони вокеӣ ва хукукӣ, ба гайр аз сафари хизматӣ тибки шартномахои байналмилалии Чумхурии Точикистон ё шартномахои макомоти хокимияти давлатӣ бо макомоти хокимияти дахлдори давлатии давлатхои хоричӣ ё ташкилотхои байналмилалӣ ба хорича ба сафари хизматӣ раванд;

- вазъи хизматиашонро ба манфиати хизбхои сиёсӣ ва ташкилотхои чамъиятӣ, аз чумла иттиходияхои динӣ, хамчунин барои таблиготи акидахои онхо истифода намоянд.

1. Чалби хизматчиёни харбӣ ба ичрои корхое, ки ба ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ вобаста нестанд, танхо дар холатхои мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ичозат дода мешавад. Дар ин сурат меъёрхои хукукие, ки барои дигар шахрвандони бачооварандаи ин корхо пешбинӣ шудаанд, ба хизматчиёни харбӣ дахл мекунанд.
2. Занон – хизматчиёни харбӣ ва хизматчиёни харбие, ки фарзандони бе падар (модарро) тарбия мекунанд, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон оид ба хифзи оила, модарон ва кӯдакон аз имтиёзу кафолат ва чубронпулихо истифода менамоянд.

**Моддаи 10. Вакти хизматӣ ва хукук барои истирохат**

1. Давомнокии умумии хафтаи хизмати хизматчиёни харбие, ки бо тартиби ихтиёрӣ хизмати харбиро адо мекунанд, ба истисноѝ холатхои дар кисми сеюми моддаи мазкур баёнгардида, набояд аз мӯхлати маъмулии хафтаи вакти корӣ, ки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мукаррар намудаанд, зиёд бошад. Чалби хизматчиёни харбии номбурда ба ичрои ӯхдадорихои хизмати харбии зиёда аз мӯхлати мукарраршудаи хафтаи хизматӣ дар дигар холатхо бо мӯхлати дахлдори истирохат дар дигар рӯзхои хафта чуброн карда мешавад. Дар сурати гайриимкон будани чуброни номбурда, мӯхлати ичрои ӯхдадории хизмати харбии изофавии бо мӯхлати хизмати хафтаина мукарраршуда чамъбаст карда шуда, ба хизматчиёни харбӣ дар шакли истирохати иловагии шабонарӯзӣ дода мешавад, ки ин рӯзхоро бо хохиши хизматчиёни харбии зикршуда ба рухсатии асосиашон хамрох кардан мумкин аст. Тартиби бахисобгирии вакти хизматӣ ва додани рӯзхои истирохати иловагиро Низомномаи тартиби адои хизмати харбӣ муайян менамояд.

2. Давомнокии вакти хизматии хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, тибки талаботи оинномахои умумихарбӣ бо тартиби речаи рӯзи кисми харбӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, ба хизматчиёни харбии номбурда, ба гайр аз холатхои муайяннамудаи оинномахои умумихарбӣ хамарӯза на камтар аз хашт соат барои хоб ва ду соат барои эхтиёчоти шахсӣ дода мешавад.

3. Навбатдории чангӣ (хизмати чангӣ), машк ва дигар чорабинихое, ки номгӯи онхоро Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон (рохбарони вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) муайян менамояд, хангоми зарурат бе махдуд намудани мӯхлати умумии хафтаи хизматӣ гузаронида мешаванд. Тартиб ва шартхои додани истирохат ба хизматчиёни харбӣ, ки иштироки онхоро дар чунин чорабинихо чуброн мекунад, бо Низомномаи тартиби адои хизмати харбӣ муайян карда мешавад.

4. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, на камтар аз як шабонарӯз дар як хафта истирохат дода мешавад. Ба дигар хизматчиёни харбӣ на камтар аз як шабонарӯз дар як хафта, вале на камтар аз 4 шабонарӯз дар як мох истирохат дода мешавад.

Рӯзхои истирохат ба хизматчиёни харбӣ дар рӯзхои истирохат ва ид дода мешавад, хангоми чалби онхо ба ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ дар ин рӯзхо бошад, дар рӯзхои дигари хафта ба онхо истирохат дода мешавад.

1. Ба афсарон, прапоршикхо ва дар мавридхои пешбининамудаи штат ба сержанту старшинахо ва хизматчиёни харбӣ – занон хамасола рухсатии асосӣ дода мешавад.

Давомнокии рухсатии асосӣ чунин мукаррар карда мешавад:

- ба хизматчиёни харбие, ки давомнокии умумии хизмати имтиёзноки харбиашон камтар аз 10 солро ташкил мекунад – 30 шабонарӯз;

- ба хизматчиёни харбие, ки давомнокии умумии хизмати имтиёзноки харбиашон аз 10 то 15 солро ташкил мекунад – 35 шабонарӯз;

- ба хизматчиёни харбие, ки давомнокии умумии хизмати имтиёзноки харбиашон аз 15 то 20 солро ташкил мекунад – 40 шабонарӯз;

- ба хизматчиёни харбие, ки давомнокии умумии хизмати имтиёзноки харбиашон 20 сол ва зиёда аз инро ташкил мекунад – 45 шабонарӯз.

1. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро дар махалхои баландкӯх, махалхои дорои шароити номусоиди иклимию экологӣ, хамчунин дар вазифахои харбие, ки ичрои ӯхдадорихои хизмати харбии онхо бо афзоиши хатар барои хаёт ва саломатӣ вобаста аст, адо менамоянд, давомнокии рухсатии асосӣ ба мӯхлати 10 шабонарӯз зиёд карда мешавад.
2. Тибки хохиши хизматчиёни харбие, ки бо тартиби ихтиёрӣ хизмати харбиро адо менамоянд, мумкин аст рухсатии асосӣ ба онхо кисм ба кисм дода шавад. ***Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд ва дар акди никохи ба кайди давлатӣ гирифташуда карор доранд, рухсатии асосӣ тибки тартиби мукарраргардида кисм ба кисм, вале на камтар аз як маротиба дар шаш мох дода мешавад.***
***(***
**КЧТ аз 02.01.18 с., № 1479)**

3. Ба хизматчиёни харбӣ – иштирокчиёни амалиётхои чангӣ доир ба хифзи сохти конститутсионӣ, иштирокчиёни амалиётхои чангӣ дар ***худуди*** дигар давлатхо тибки ӯхдадорихои байналмилалии Чумхурии Точикистон давомнокии рухсатии асосӣ ба мӯхлати 5 шабонарӯз зиёд карда мешавад.
***(***
**КЧ**
**Т аз**
**02**
**.**
**01**
**.1**

**8**
**с., 1**
**479**
**)**

4. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд, як рухсатии асосӣ ба мӯхлати зайл дода мешавад:

- дар вазифахои харбие, ки барои онхо аз рӯи штат рутбаи харбии аскари каторӣ пешбинӣ шудааст - 20 шабонарӯз;

- дар вазифахои харбие, ки барои онхо аз рӯи штат рутбаи харбии сержант ва старшина пешбинӣ шудааст – 30 шабонарӯз.

Давомнокии рухсатии асосии хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд, мумкин аст дар шакли хавасмандкунӣ ё чазо ба мӯхлати то 5 шабонарӯз бо тартиби муайяннамудаи оинномахои умумихарбӣ зиёд ё кам карда шавад.

1. Ба хизматчиёни харбие, ки муассисаи таълимии харбии тахсилоти касбиро хатм намудаанд, рухсатии асосӣ пас аз хатми муассисаи таълимии номбурда ба мӯхлати 30 шабонарӯз дода мешавад.
2. Давомнокии рухсатии асосии хизматчиёни харбӣ ба микдори шабонарӯзхое, ки барои хамлу накл ба махалли истифодабарии рухсатӣ ва бозгашт заруранд, вале на камтар аз як шабонарӯз барои як тараф зиёд карда мешавад. Агар рухсатии асосии хизматчиёни харбӣ кисм ба кисм дода шуда бошад, вакти зарурӣ барои хамлу накл ба махалли истифодабарии рухсатӣ ва бозгашт як маротиба дода мешавад.
3. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, барои омодагӣ ва супоридани имтихонхои дохилшавӣ дар адъюнктура ва докторантураи харбӣ, хамчунин барои омодагӣ ва супоридани имтихонхои дохилшавӣ ба муассисаи таълимии тахсилоти касбӣ ва имтихонхо дар давраи тахсил дар онхо бо тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон рухсатии таълимӣ дода мешавад.
4. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, хамчунин ба курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ дар давраи тахсил дар муассисахои таълимии номбурда дар давраи танаффуси машгулиятхои таълимӣ ба мӯхлати муайяннамудаи Конуни мазкур ва Низомномаи тартиби адои хизмати харбӣ рухсатии таътилӣ дода мешавад.
5. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо карда, барои гирифтани унвони номзад ё доктори илм кӯшиш доранд, рухсатии эчодӣ бо тартиби

мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дода мешавад.

6. Ба хизматчиёни харбӣ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии харбӣ рухсатии беморӣ дода мешавад.

7. Рухсатӣ бо сабабхои шахсӣ ба хизматчиёни харбӣ ба мӯхлати то 10 шабонарӯз, агар рухсатии асосиро онхо истифода бурда бошанд, дар холатхои зерин дода мешавад:

- холати вазнини саломатӣ ва вафоти (халоки) хеши наздики хизматчии харбӣ (хамсар, падар, модар, падару модари хамсар, писар, духтар, бародар, (хохар) ё шахсе, ки хизматчии харбӣ дар тарбия ё таъминоти ӯ мебошад;

- сӯхтор ё дигар офати табиие, ки ба сари оила ё хеши наздики хизматчии харбӣ омадааст;

- дар дигар холатхои истисноие, ки будани хизматчии харбӣ бо оила зарур бошад, - мувофики карори командири кисми харбӣ.

Давомнокии рухсатии бо сабабхои шахсӣ ва дигар сабабхои узрнок ба хизматчии харбӣ додашуда ба микдори шабонарӯзхои барои хамлу накл бо наклиёти заминӣ (хавоӣ) ба махалли истифодабарии рухсатӣ ва бозгашт зарурбуда зиёд карда мешавад.

1. Ба хизматчиёни харбие, ки мӯхлати умумии хизмати харбиашон бо хисоби таквимӣ 20 сол ва аз ин зиёдаро ташкил мекунад, дар яке аз се соли то расидан ба синни нихоии хизмати харбӣ ё дар соли рухсат шудан аз хизмати харбӣ ба сабаби саломатӣ ва ё бинобар чорабинихои ташкилии штатӣ, ба гайр аз рухсатии асосӣ, мувофики хохиши онхо ба мӯхлати 30 шабонарӯз рухсатии бо сабабхои шахсӣ дода мешавад. Рухсатии номбурда барои хамаи давраи хизмати харбӣ як маротиба дода мешавад.

2. Ба хамсарони хизматчиёни харбӣ рухсатӣ мувофики хохиши онхо дар як вакт бо рухсатии хизматчиёни харбӣ дода мешавад. Дар ин сурат мӯхлати рухсатии хамсарони хизматчиёни харбӣ мумкин аст мувофики хохиши онхо ба мӯхлати рухсатии хизматчиёни харбӣ баробар бошад. Барои кисми рухсатии хамсарони хизматчиёни харбӣ, ки аз мӯхлати рухсатии хамасолаи чои кори асосии онхо зиёд аст, маош дода намешавад.

3. Ба хизматчиёни харбӣ-занон рухсатӣ барои хомиладорӣ, хамчунин рухсатӣ барои парастории кӯдак тибки тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дода мешавад. Дар айни хол нисбати онхо имтиёзу

кафолат ва чубронпулихои иловагии мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон амалӣ мегарданд.

**Моддаи 11. Таъминоти пулӣ**

1. Таъминоти пулии хизматчиёни харбӣ аз маоши мувофики вазифаи ишголкарда (минбаъд-маош аз рӯи вазифаи харбӣ) ва маоши мувофики рутбаи харбии додашуда (минбаъд – маош аз рӯи рутбаи харбӣ), ки маоши (таъминоти пулии) хизматчиёни харбӣ (минбаъд - маоши таъминоти пулӣ), *иловапулихо барои собикаи хизматӣ* ташкил мекунанд, иборат мебошад.

2. Андоза ва тартиби пардохти таъминоти пулии хизматчиени харбӣаз тарафи Президенти Чумхурии Точикистон мукаррар карда мешавад.

**Рутбаи харбӣ**

**Иловапулӣ баробари карати музди акалли мехнат**

Генерали артиш

6,0

Генерал-полковник

5,5

Генерал-лейтенант

5,0

Генерал-майор

4,5

Полковник

4,0

Подполковник

3,5

Майор

3,0

Капитан

2,5

Лейтенанти калон

2,0

Лейтенант

1,5

Лейтенанти хурд

1,0

Прапоршики калон

0,8

Прапоршик

0,5

1. Хусусияти таъминоти пулии гурӯхи алохидаи хизматчиёни харбӣ бо конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.
2. Ба хизматчиёни харбие, ки дар муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбии берун аз худуди Чумхурии Точикистон тахсил мекунанд, маош (таъминоти пулӣ) тибки меъёрхои мукаррарнамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон дода мешавад.
3. Тартиби пардохти маоши (таъминоти пулии) хизматчиёни харбӣ аз тарафи Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон (рохбарони вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), муайян карда мешавад.

**Моддаи 12. Пардохтхои иловагӣ**

1. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд ва курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ хангоми рафтан ба рухсатии асосӣ, хамчунин ба рухсатии беморӣ (дар асоси хулосаи комиссияи тиббии харбӣ) ба

андозаи на камтар аз як маош (таъминоти пулӣ) пардохта мешавад.

2. Хангоми рафтани хизматчиёни харбие, ки бо тартиби ихтиёрӣ хизмати харбиро адо мекунанд, ба махалли нави хизмати харбии дигар махалли ахолинишин, аз чумла ба ***худуд*** ё аз ***худуди*** давлати хоричӣ, вобаста ба таъин шудан ба вазифаи харбӣ, дохил шудан ба муассисаи таълимии харбии тахсилоти касбӣ, ки мӯхлати тахсилаш зиёда аз як солро ташкил мекунад ё ки вобаста бо тағйири чои кисми харбӣ ба онхо чунин намуди иловапулихо пардохта мешаванд: **(КЧТ аз 02.01.18с., №1479)**

- мададмаош ба андозаи *як* маош (таъминоти пулӣ) ба хизматчии харбӣ, ва нисфи маош (таъминоти пулӣ) ба хар як аъзои оилаи хизматчии харбие, ки ба махалли нави хизмати харбии хизматчии харбӣ ё ба махалли ахолинишини ба чои номбурда наздик ё ки (аз набудани хонаи истикоматӣ) ба дигар махалхои ахолинишин мераванд. Мададмаоши номбурда ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро дар махалхои баландкӯх ва махалхои дорои шароити номусоиди иклимию экологӣ адо мекунанду ба таъминоти пулии онхо коэффисиенти минтакавӣ (барои адои хизмати харбӣ дар минтакахои баландкӯх) мукаррар гардидааст, бо назардошти ин коэффисиент пардохта мешавад; **(КЧТ аз 1.08.12с., №885)**

- ба андозаи меъёри устувори маоше (пули харчи рӯзмаррае), ки аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон ба кормандони ба сафари хизматӣ раванда барои хар рӯзи дар рох будани хизматчии харбӣ ва хар як аъзои оилаи хизматчии харбие, ки бо ӯ хамрох меравад, мукаррар карда шудааст.

1. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, гайр аз курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ, хукуки гирифтани карзхои бефоизро ба андозаи то 12 маош (таъминоти пулӣ) ба

мӯхлати то се сол барои харидани асбобу анчоми ниёзи аввалин аз хисоби маблаги Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) дар яке аз холатхои зерин доранд:

- дар давоми се мохи баъди таъин шудан ба вазифаи харбӣ пас аз хатми муассисаи таълимии харбии тахсилоти касбӣ ва вобаста ба ин гирифтани рутбаи харбии афсарӣ;

- дар давоми се мохи баъди ба вазифаи харбӣ таъин шудани хизматчиёни харбӣ ё шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанду хохиши адои хизмати харбиро ба мӯхлати 5 сол ва аз ин зиёда изхор менамоянд;

- дар давоми се мохи баъди бастани акди никохи аввалин.

Хангоми аз рӯи якчанд асосхо ба гирифтани карзи номбурда хукук пайдо кардани хизматчии харбӣ ба вай карз танхо аз рӯи як асос ва як маротиба дар давраи адои хизмати харбӣ дода мешавад.

1. Ба афсароне, ки ба хизмати харбӣ даъват шудаанд, пардохтпулихои мукаррарнамудаи моддаи мазкур дода намешаванд.
2. Ба хизматчиёни харбие, ки ба сафари хизматӣ фиристода мешаванд, харочоти сафари хизматӣ бо тартиб ва андозаи муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон пардохта мешавад.
3. Ба гайр аз пардохтхои пешбининамудаи Конуни мазкур аз чониби Президенти Чумхурии Точикистон, Хукумати Чумхурии Точикистон ба хизматчиёни харбӣ иловапулӣ ва дигар навъи пардохтхо метавонад мукаррар карда шавад. Иловапулӣ ва пардохтхои номбурда вобаста ба мураккабӣ, меъёр ва ахамияти ичрои вазифа аз тарафи хизматчиёни харбӣ мутаносибан мукаррар карда мешаванд.
4. Ба гайр аз пардохтхои иловагие, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дигар пардохтхои иловагие, ки каблан тибки дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда шуда буданд, нигох дошта мешаванд.

## Моддаи 13. Таъминоти озука ва *молу мулки* шайъӣ, хизматрасонии маишию савдоии хизматчиёни харбӣ

(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)

1. Таъминоти озукаи хизматчиёни харбӣ мувофики меъёрхо ва дар мӯхлати мукаррарнамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон бо тартибе, ки, Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) муайян кардааст, дар яке аз шаклхои зерин амалӣ карда мешавад:

- ташкили хӯрок дар махалли адои хизмати харбӣ – барои хизматчиёни харбие, ки мувофики даъват хизмати харбиро адо мекунанд ва категорияи хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанду номгӯи онхо аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон тасдик карда мешавад;

- додани озукаи мукарраршуда;

*- пардохти чубронпулӣ бар ивази озукаи (хӯроки) мукарраршуда ба андозаи мукаррарнамудаи Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи Бучети давлатии Чумхурии Точикистон» барои соли молиявии дахлдор  ба хизматчиёни  харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, хамчунин ба хизматчиёни харбие, ки ба хизмати харбӣ ба вазифаи афсарӣ ва прапоршикӣ даъват шудаанд ва ба курсантхо бошад, танхо дар вакти истифодабарии рухсатӣ;*

- додани пули озукаи сафарӣ ба хизматчиёни харбие, ки мувофики даъват хизмати харбиро адо мекунанд ва ба курсантхо хангоми дар рохи сафар будан, хамчунин хангоми карор доштан дар нуктахои сафари хизматӣ, агар дар ин нуктахо хӯроки хизматчиёни харбӣ ташкил нашуда бошад.

1. Хизматчиёни харбӣ бо *молу мулки* шайъӣ вобаста ба шароити адои хизмати харбӣ мувофики меъёрхо ва мӯхлати мукаррарнамудаи Низомномаи таъминоти *молу мулки* шайъии хизматчиёни харбӣ, ки аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон тасдик шудааст, таъмин карда мешаванд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)**

2. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, ба гирифтани чубронпулӣ бар ивази *молу мулки* шайъии мукарраршуда ба андозаи нархи сару либоси номбурда хукук доранд. Тартиби пардохти чубронпулии номбурдаро *Хукумати Чумхурии Точикистон* муайян мекунанд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)**

3. Хизматчиёни харбӣ мувофики меъёрхои мукаррарнамудаи Хукумати Чумхурии Точкистон бо тартиби муайяннамудаи оинномахои умумихарбӣ ва дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон бо хамом таъмин мешаванд ва сарулибосашон шуста мешавад.
4. Хизматрасонии маишию савдоии хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо бо конун, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон танзим мегардад.
5. Хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо хукуки харидории махсулоти саноатӣ ва хӯроквориро мувофики нарххои имтиёзнок бо тартиби муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон ба воситаи шабакаи савдои харбӣ доранд.

Хукуки пешбининамудаи моддаи мазкур хамчунин ба шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо дахл дорад.

1. Таъминоти озукаю *молу мулки* шайъии хизматчиёни харбие, ки дар муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбии берун аз Чумхурии Точикистон тахсил мекунанд, мувофики меъёрхои мукаррарнамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон амалӣ мегардад.
**(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)**

**Моддаи 14. Хукук ба манзил**

1. Давлат бо манзил таъмин намудани хизматчиёни харбиро кафолат медихад.

Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва аъзои оилаи бо онхо хамрох зиндагикунанда на дертар аз се мохи баъди ба махалли нави адои хизмати харбӣ омадан мувофики меъёрхо ва бо тартиби пешбининамудаи конунгузории манзилии Чумхурии Точикистон бо назардошти хукук ба масохати иловагии манзил аз хисоби давлат ё захираи манзилии коммуналӣ хонаи истикоматии хизматӣ дода мешавад.

Дар хамаи мӯхлати адои хизмати харбӣ инхо бо манзили истикоматии хизматӣ таъмин карда мешаванд:

- хизматчиёни харбие, ки ба вазифаи харбӣ пас аз хатми муассисаи таълимии харбии тахсилоти касбӣ таъин шудаанду вобаста ба ин рутбаи харбии афсарӣ (аз соли 1993 сар карда) гирифтаанд ва аъзои оилаи бо онхо хамрох зиндагикунанда;

- афсароне, ки ба хизмати харбӣ даъват шудаанд, хамчунин афсарону прапоршикхои пас аз 1 январи соли 1993 ба хизмати харбӣ омада ва аъзои оилаи бо онхо хамрох истикоматкунанда;

- аскарону сержантхои чинси зан, ки пас аз 1 январи соли 1993 ба хизмати харбӣ омадаанд ва аъзои оилаи бо онхо хамрох истикоматкунанда.

Манзили истикоматии хизматӣ дар хамаи давраи хизмати харбӣ ба хизматчиёни харбӣ-шахрвандони хизмати харбиро адокунанда, аъзои оилаи онхо, ки хамрох бо онхо зиндагӣ мекунанд, дар шахрчахои харбии пӯшида дода мешавад.

Ба шахрчахои харбии пӯшида шахрчахои харбии кисмхои харбии дар махалхои ахолинишин чойгиршуда, ки дорои тартиби рухсатномавӣ мебошанд, хамчунин шахрчахои харбии алохидаи махсуси кисмхои харбӣ, ки берун аз махалхои ахолинишин чойгир шудаанд, тааллук доранд. Фехристи шахрчахои харбии пӯшида бо пешниходи Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати

харбӣ пешбинӣ гардидааст) аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон тасдик карда мешаванд.

Ба хизматчиёни харбӣ-шахрвандоне, ки дар хамаи давраи адои хизмати харбӣ бо манзили истикоматии хизматӣ таъмин мешаванд, бо расидан ба мӯхлати умумии собикаи хизмати харбии 20- сола ва зиёда аз он ва хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ дар сурати доштани собикаи хизмати харбии 10- сола ва зиёда аз он манзили истикоматӣ аз махали зисти доимии интихобшуда бо тартиби муайяннамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ройгон дода мешавад, ба истиснои хонахои истикоматии хизматии дар шахрчахои пӯшида буда.

Хизматчиёни харбие, ки бо манзили истикоматии хизматӣ таъмин карда мешаванд, бо Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ шудааст) карордоди манзилӣ мебанданд. Дар карордоди номбурда тартиби додани хонаи истикоматии хизматӣ, нигохдорӣ ва холӣ кардани он муайян карда мешавад. Шарту тартиби бастани карордоди манзилӣ аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, дар давраи адои хизмати харбӣ ба бехтар намудани шароити манзилӣ бо назардошти меъёрхо, навбат ва имтиёзхои мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон хукук доранд.

*Ба хизматчиёни харбӣ барои харидан ё сохтмони манзил, инчунин бехтар намудани шароити манзилӣ ба мӯхлати 20 сол карзи бефоиз дода мешавад, ки шартхо ва тартиби додани чунин карзро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян менамояд.*

1. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва аъзои оилаи онхо, ки ба махалли нави адои хизмати харбии хизматчиёни харбӣ омадаанд, то гирифтани хонаи истикоматӣ мувофики меъёрхои мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дар махалли истикомат, аз чумла мувофики хохиши онхо аз рӯи нишонии кисмхои харбӣ ба кайд гирифта мешаванд. Ба хизматчиёни харбии номбурда ва аъзои оилаи онхо то гирифтани манзили истикоматӣ манзили истикоматӣ ё хобгох, ки барои мувakkaтан истикомат намудан кобили истифода бошанд, дода мешавад.

Дар холати набудани чунин манзили истикоматӣ кисмхои харбӣ барои таъмин намудани хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи бо онхо хамрох истикоматкунанда бинои истикоматиро ба ичора мегиранд ё тибки хохиши хизматчиёни харбӣ ба онхо чубронпулии хармоха барои ичораи хонаи истикоматӣ бо тартиб ва андозаи муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон аз хисоби маблагхои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон ( вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) пардохт менамоянд.

1. Макомоти хокимияти давлатӣ, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва ташкилотхо ба кисмхои харбӣ барои ба ичора додани хонахои истикоматии кобили зисти муваккатии хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо кӯмак менамоянд.
2. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанду сохиби хонаи истикоматии алохидаи шахсӣ ё аъзои ширкатхои сохтмони манзилӣ мебошанд, хамчунин хизматчиёни харбие, ки барои онхо мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон хонаи истикоматӣ нигох дошта мешавад, хангоми гузаштан ба махалли нави хизмат ба онхо ва аъзои оилаи бо онхо якчоя зиндагикунанда дар давраи адои хизмати харбӣ дар махалли номбурда бинои истикоматии хизматӣ ё хобгох дода мешавад.
3. Дар холати аз чониби хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи бо онхо истикоматкунанда холӣ кардани хонахои истикоматӣ, гайр аз хонахои шахсӣ, хонахои номбурда ба дигар хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо дода мешаванд.
4. Барои бо манзил таъмин намудани хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тарттиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва барои зисти доимӣ хонаи истикоматӣ надоранд ё ба бехтаргардонии шароити манзил эхтиёч доранд, Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахои, ки дар онхо мувофики конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) метавонанд дар доираи меъёрхои мукаррарнамудаи Кодекси манзили Чумхурии Точикистон ва бо назардошти маблаги дар соли дахлдор дар сметаи харочот пешбинигардида манзили истикоматӣ харидорӣ намоянд.
5. Афсарони дорои рутбаи харбии полковник, баробар ва баланд аз он, ки хизмати харбиро ихтиёрӣ адо менамоянд, ё ки аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд, хамчунин командирони кисмхои харбӣ, хизматчиёне, ки дорои унвонхои фахрии Чумхурии Точикистон мебошанд, хизматчиёни харбӣ-омӯзгорони муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ, кафедрахои харбии назди муассисахои таълимии давлатии тахсилоти олии касбӣ, хизматчиёни харбӣ – кормандони илмии дорои дарачаю унвонхои илмӣ ба васеъ намудани сатхи умумии иловагии манзил ба андозаи на камтар аз 18 метри квадратӣ хукук доранд.
6. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва аъзои оилаи бо онхо истикоматкунанда, хамчунин шахрвандони аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсатшуда, ки мӯхлати умумии хизмати харбиашон 20 сол ва зиёдаро ташкил мекунад, ба андозаи 50 фоиз пардохт менамоянд:

- барои майдони умумии манзили ишголкардаи онхо дар хонахои давлатӣ ё манзилхои коммуналӣ;

- барои хизмати коммуналӣ (таъминоти об, баровардани партовхои маишӣ, нерӯи гармдихӣ ва гайра) новобаста ба навъи фонди манзилӣ, ба гайр аз пардохти музди барк ва газ.

Дар хонахое, ки дорои гармидихии мутамарказ нестанд, шахсони номбурда ба андозаи 50 фоиз маблаги пардохти сӯзишвориеро, ки аз тарафи макомоти масъули давлатӣ харидорӣ мешавад, дар доираи меъёрхое, ки барои фурӯш ва расонидани он ба ахолӣ мукаррар шудааст, мепардозанд.

1. Ба хизматчёни харбӣ, хамчунин шахрвандоне, ки дар моддаи мазкур зикр шудаанд, имтиёзхо доир ба пардохти 50 фоизи маблаги гузаронидани телефонхои хонагӣ ва пардохти музди истифодабарии онхо дода мешавад. Харочоте, ки бо додани чунин имтиёзхо вобаста аст, аз хисоби маблаги Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) пардохт мешавад.
2. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, тибки талаботи оинномахои умумихарбӣ чойгир мешаванд.
3. Ба хизматчиёни харбӣ ва шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанду мӯхлати умумии собикаи хизмати онхо 10 ва зиёда соли таквимиро ташкил мекунад, хамчунин ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро берун аз ***худуди*** Чумхурии Точикистон, махалхои баландкӯх, хамчунин махалхои дорои шароити номусоиди иклимию экологӣ адо мекунанд, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ӯхдадоранд ба онхо дар навбати аввал хукуки аъзои ширкатхои сохтмони манзилӣ шуданро диханд ё барои сохтмони хонахои истикоматии алохида китъахои замин чудо намоянд.

**(**
**КЧ**
**Т аз**
**02**
**.**
**01**
**.1**
**8**
**с., 1**
**479**

)

4. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, дар мӯхлати на зиёда аз се сол то рухсатшавӣ аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан ё дар давоми як соли аз хизмати харбӣ бинобар вазъи саломатӣ рухсат шудан, вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ бо дархости командирони кисмхои харбӣ аз чониби макомоти махаллии хокимияти давлатии махалли зисти доимии интихобнамуда ба рӯйхати шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ рухсат шуда, ба гирифтани хонахои истикоматӣ эхтиёч доранд ё ба рӯйхати аъзоёни ширкатхои сохтмони манзилӣ дохил карда мешаванд. Дар бораи кабул гардидани карор раиси шахр ва нохия ба командирони дахлдори кисмхои харбӣ дар мӯхлати се мох хаттӣ хабар медиханд. Маълумот дар бораи ба кайд гузоштан дар парвандаи шахсии хизматчиёни харбӣ сабт мегардад.

5. Хизматчиёни харбие, ки собикаи умумии хизмати харбии 10-сола ва зиёда доранд, хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё чорабинихои ташкилию штатӣ ва аъзои оилаи онхо хангоми иваз намудани махалли зист на дертар аз се мох аз рӯзи расидан ба махалли зисти интихобшуда аз чониби хукуматхои шахрию нохиявӣ мувофики меъёрхои мукарраршуда бо манзили хизматӣ таъмин мегарданд. Хуччатхо дар бораи супоридани манзил ба Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) ва баровардан аз кайди махалли зисти пешина ба шахрвандони номбурда ва аъзои оилаи бо онхо якчоя истикоматкунанда хангоми гирифтани манзили истикоматӣ аз махалли зисти интихобшуда дода мешаванд.

Хангоми дар мӯхлати се мох мувофики меъёрхои мукарраршуда аз чониби раисони шахру нохияхо дода натавонистани манзили хизматӣ бошад, онхо то додани манзил доир ба чойгиркунонидани шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо дар дигар хонахои истикоматӣ чорахо меандешанд.

1. Тартиби бо манзил таъмин намудани хизматчиёни харбие, ки дар шахрчахои харбии пӯшида истикомат мекунанд, хангоми рухсат шудани онхо аз хизмати харбӣ бо конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

2. Тартиби додани имтиёзхо ва чуброни харочоте, ки бо додани имтиёзхои дар моддаи мазкур зикршуда вобастаанд, аз тарафи Хукумати Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 15. Хукук ба хифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ**

1.Хифзи саломатии хизматчиёни харбӣ бо ташкил намудани шароити мусоиди хизмати харбӣ, маишӣ ва низоми чорахо доир ба махдудсозии омилхои хатарноки хизмати харбӣ, ки аз чониби командирон дар якчоягӣ бо макомоти хокимияти давлатӣ гузаронида мешаванд, таъмин карда мешавад.

Гамхорӣ оид ба нигохдорӣ ва солимии хизматчиёни харбӣ вазифаи командирон мебошад. Ба зиммаи онхо таъмини талаботи бехатарӣ хангоми гузаронидани машкхо, дигар чорабинихои омодагии чангӣ, хангоми истифодабарии аслиха ва техникаи харбӣ, хангоми корхои истехсолӣ, ичрои дигар ӯхдадорихои хизмати харбӣ гузошта мешавад.

1. Хизматчиёни харбӣ ва шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ даъват шудаанд, ба кӯмаки тиббии ройгон, аз чумла ба тайёр ва таъмири дандонхои сунъӣ (ба гайр аз дандонхои сунъии аз металлхои киматноку дигар маводхои киматнок), таъмини ройгони доруворӣ, дигар *молу мулки* тиббӣ мувофики таъиноти духтурон дар вохидхо, кисмхои харбӣ ва муассисахо (минбаъд – муассисахои тиббии харбӣ) хукук доранд. Дар сурати набудани муассисахои тиббии харбӣ ё шӯъбахои дахлдори онхо ё тачхизоти махсуси тиббӣ дар махалли адои хизмати харбӣ ё махалли зисти хизматчиёни харбӣ, хамчунин дар холатхои зарурӣ ёрии тиббӣ дар муассисахои давлатии нигохдории тандурустӣ расонида мешавад. Харочоти муассисахои номбурда аз рӯи кӯмаки тиббии ба хизматчиёни харбӣ ва шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда аз чониби Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) чуброн карда мешавад.
**(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

Хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо барои табобат берун аз ***худуди*** Чумхурии Точикистон дар асосхои барои дигар шахрвандон умумӣ бо тартиби муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон фиристода мешаванд.
***(***
**КЧ**
**Т аз**
**02**
**.**

**01**
**.1**
**8**
**с., 1**
**479**
**)**

Хизматчиёни харбӣ хамасола ташхиси тиббиро гузашта, бо онхо чорабинихои табобатию бехдоштӣ гузаронида мешавад. Хизматчиёни харбие, ки дорои нишонахои нукси рухӣ мебошанд, тибки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи кӯмаки рӯхӣ» ба ташхис ва муоинаи стасионарӣ фиристода мешаванд.

1. Аъзои оилаи хизматчиёни харбӣ хукуки ёрии тиббии ройгонро дар муассисахои системаи давлатии нигахдории тандурустӣ доранд ва дар асосхои умумии барои дигар шахрвандон бо сугуртаи тиббӣ фаро гирифта мешаванд.

Аъзои оилаи афсарон (хамсар, фарзандониноболиг, фарзандони аз 18-сола боло, ки маъюб гаштаанд, фарзандони то 23-сола, ки дар муассисахои таълимии рӯзона тахсил мекунанд), хамчунин шахсоне, ки дар таъминоти онхо мебошанд ва хамрохи афсарон истикомат мекунанд, дар муассисахои тиббии харбӣ ба ёрии тиббии ройгон хукук доранд. Хангоми табобати амбулаторӣ ба онхо дорувории пулакӣ, ба гайр аз холатхое, ки мутобики дигар конунхо, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон аз онхо пул гирифта намешавад, бо нархи чакана дода мешавад.

Тайёр кардан ва таъмири дандонхои сунъии аъзои оилаи афсарон дар муассисахои тиббии харбӣ бо шартхое амалӣ мегардад, ки ба дигар шахрвандон дар муассисахои системаи давлатии нигахдории тандурустӣ ичро мегардад, агар дар конунхо, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

1. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд (ба гайр аз курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ) ва аъзои оилаи онхо хангоми рухсатӣ, вале на зиёда аз як маротиба дар як сол, бо табобати санаторию фарогатӣ ва истирохати муташаккилона дар фарогатгоххо, хонахои истирохатӣ, пансионатхо, лагерхои бехдошти кӯдакон, базахои туристии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) таъмин карда мешаванд. Хизматчиёни харбии номбурда 25 фоиз, аъзо оилаи онхо бошанд, 50 фоизи нархи роххатро, ба гайр аз холатхое, ки мутобики конунхо, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дигар шартхои пардохт муайян

нагардида бошад, мепардозанд. Ба хизматчиёни харбии номбурда ва аъзои оилаи онхо хангоми фиристодан ба осоишгоххо барои идомаи табобати госпиталӣ мутобики хулосаи комиссияи тиббии харбӣ роххати ройгон аз хисоби Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) дода мешавад.

2. Хизматчиёни харбие, ки хангоми ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ маъюб (захмдор, зарбхӯрда, контузия) ё бемор шудаанд, пас аз табобати госпиталӣ ба гирифтани роххати гайринавбатӣ ба муассисахои санаторию фарогатӣ ва бехдоштии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) хукук доранд.

3. Хукуку имтиёзхои хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо, ки дар кисмхои дуюм-чоруми моддаи мазкур зикр шудаанд, ба афсарони аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсатшуда, ки мӯхлати умумии хизмати имтиёзноки харбиашон 20-сол ва зиёда аз инро ташкил мекунад, дар сурати доштани мӯхлати умумии хизмати харбии 25-сола ва аз ин зиёда бошад, новобаста ба асосхои рухсатшавӣ ва аъзои оилаи онхо, хамчунин ба прапоршикхо ва дар мавридхое, ки конунгузории Чумхурии Точикистон нисбати старшина ва сержантхо пешбинӣ намудааст, аз хизмати харбӣ бо расидани онхо ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсатшуда, ки мӯхлати умумии хизмати харбии онхо 20-сол ва аз ин зиёдро ташкил мекунад, дахл доранд.

Хизматчиёни харбӣ ва шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, бинобар вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд, инчунин иштирокчиёни амалиётхои чангӣ оид ба хифзи сохти конститутсионии Чумхурии Точикистон барои ёрии тиббӣ ва табобати санаторӣ-фарогатӣ хукуки имтиёзнок доранд.

Шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд, ба ёрии тиббӣ дар муассисахои системаи давлатии нигахдории тандурустӣ хукук доранд ва мутобики конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон хатман сугуртаи тиббӣ карда мешаванд.

Шахрвандоне, ки дар натичаи маъюбӣ (ярадорӣ, зарбхӯрӣ, контузия) ё хангоми ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ беморшуда, аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд, аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, хамчунин шахрвандоне, ки бинобар беморихои алохидаи давраи адои хизмати харбӣ аз хизмати харбӣ рухсат шудаанд, метавонанд дар муассисахои тиббии харбӣ бо тартиби муайяннамудаи Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) бе расонидани зарар ба

шахрвандоне, ки тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон хукуки гирифтани ёрии тиббиро истифода мебаранд, муоина шаванд ва табобат ёбанд.

1. Хизматчиёни харбие, ки мувофики даъват хизмати харбиро адо менамоянд ва курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ мувофики хулосаи комиссияи тиббии харбӣ бо табобати санаторию фарогатӣ бепул таъмин карда мешаванд.

Курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ, тарбиягирандагони муассисахои тахсилоти миёнаи (пурраи) тахсилоти умумӣ бо барномаи таълимии иловагӣ, ки максади омодагии харбии шахрвандони ноболигро доранд, на зиёда аз 30 фоизи нархи роххатро ба базахои туристии харбӣ мепардозанд.

1. Тартиби маблаггузории харочоти бо шартхои имтиёзнок расонидани ёрии тиббӣ, таъмини табобати санаторию фарогатӣ ва истирохат, пардохти нархи роххатхо ва пардохти чубронпулӣ ба хизматчиёни харбӣ ва дигар шахрвандони дар кисмхои дуюм-хафтуми моддаи мазкур номбаршударо Хукумати Чумхурии Точикистон муайян менамояд.

**Моддаи 16. Кафолати сугуртаи хизматчиёни харбӣ. Хукук ба чуброни зарар**

1. Хизматчиёни харбӣ ва шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда хатман аз хисоби маблаги Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), сугуртаи хатмии шахсии давлатӣ карда мешаванд. Асос, шароит ва тартиби сугуртаи хатмии шахсии давлатии хизматчиёни харбию шахрвандони номбурдаро конунхо, дигар санадхои меъёрию хукукии Чумхурии Точикистон мукаррар менамоянд.
2. Дар сурати халок гардидани (вафот кардани) хизматчиёни харбӣ ё шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда хангоми ичрои ӯхдадории хизмати харбии онхо (дар чамъомадхои харбӣ), ё вафоти онхо дар натичаи маъюб (ярадор, зарбхӯрӣ, контузия) шудан ё касалии вазнини дигар, ки хангоми ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ то ба анчомрасии як соли рухсатшавӣ аз хизмати харбӣ (анчоми чамъомадхои харбӣ) ба амал

омадааст, хиссахои баробари кӯмакпулии яквакта ба андозаи зерин пардохта мешавад:

- ба аъзои оилаи хизматчиёни харбии халокшуда (вафоткарда), ки хизмати харбиро ба таври ихтиёрӣ адо менамуданд, шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ ба сифати афсарон, прапоршикхо даъват шудаанд – *8 маоши таъминоти пулии* дар рӯзи пардохти кӯмакпулӣ мукарраршуда;
**(КЧТ аз 1.08.12с., 885)**

- ба аъзои оилаи хизматчиёни харбии халокшуда (вафоткарда), ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамуданд, шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ ба сифати аскарон, сержантхо ва старшинахо даъват шудаанд, 8 маоши хадди акалли мохона аз рӯи вазифаи харбӣ мувофики дарачаи якуми тарифии барои хизматчиёни харбии хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифахои сержантхо ва старшинахо адокунанда пешбинишуда, ки дар рӯзи пардохти кӯмакпулӣ мукаррар шудааст. **(КЧТ аз 1.08.12с., 885)**

Аъзои оилаи дорои хукуки гирифтани кӯмакпулии яквакта барои хизматчии харбии (шахрвандӣ ба чамъомадхои харбӣ даъватшудаи) халокшуда (вафоткарда) инхо хисоб мешаванд:

- хамсаре, ки дар рӯзи халок (вафот кардан) шудан дар акди никохи хизматчии харбӣ ё шахрванди ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда меистад;

- волидайни хизматчии харбӣ;

- фарзандони ба синни 18-солагӣ нарасида ё аз ин калон, агар онхо то расидан ба синни 18-солагӣ маъюб шуда бошанд, хамчунин фарзандони дар муассисахои таълимии шакли тахсили рӯзона тахсилкунанда то баанчомрасии тахсил, вале на зиёда аз расидан то ба синни 23-солагӣ;

- дигар шахсоне (аъзои оилае), ки бо тартиби мукаррарнамудаи конунгузорӣ шахсони

тарбияткунанда ё таъминкунандаи халокшуда (вафоткарда) дониста шудаанд, ё ки дар таъминоти халокшуда (вафоткарда) карор доштанд.

1. 3**.** Хангоми пеш аз мӯхлат рухсат шудани хизматчиёни харбӣ (шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда) аз хизмати харбӣ (чамъомадхои харбӣ) вобаста бо ношоям донистани онхо ба хизмати харбӣ дар натичаи маъюбӣ (ярадорӣ, зарбхурӣ, контузия) хангоми ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ пайдонамудаи онхо кӯмакпулии яквакта ба андозаи зерин ба онхо пардохта мешавад:

- ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд - **6** маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кӯмакпулӣ мукаррар шудааст;

- ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ даъват шудаанд **-** *6* маоши хадди акал аз рӯи вазифаи харбии мувофики дарачаи якуми барои хизматчиёни харбии хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифахои аскарон, сержантхо ва старшинахо адокунанда пешбинишуда, ки дар рӯзи пардохти кумакпулӣ мукаррар шудааст;
**(КЧТ аз 1.08.12с., □885)**

1. Хангоми пеш аз мӯхлат рухсат шудани хизматчиёни харбӣ (шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда) аз хизмати харбӣ (чамъомадхои харбӣ) вобаста бо ношоям донистани онхо барои хизмати харбӣ дар натичаи беморӣ, ки дар рафти *ичрои* ӯхдадории хизмати харбӣ пайдонамуда, ба онхо кӯмакпулии яквакта ба андозаи зерин пардохта мешавад:

- ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ***- 5*** маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кумакпулӣ мукаррар шудааст;

- ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, шахрвандоне, ки ба чамъомадхои харбӣ даъват шудаанд ***- 5*** маоши хадди акал аз рӯи вазифаи харбӣ мувофики дарачаи якуми барои хизмачиёни харбии хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифахои аскарон, сержантхо ва старшинахо адокунанда пешбинишуда, ки дар рӯзи пардохти кумакпулӣ мукаррар шудааст;
**(КЧТ аз 1.08.12с., □885)**

1. Ӯхдадорӣ оид ба муайян ва асоснок кардани далелхои маъюбшавӣ ё бемории бо ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ (чамъомадхои харбӣ) вобастабуда ба зиммаи комиссияхои тиббии харбии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), гузошта мешавад. Аз рӯи хулосаи комиссияи тиббии харбӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

2. Зарари ба хизматчиёни харбӣ дар мавриди ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ расонидашуда мутобики конун, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон аз тарафи Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) чуброн карда мешавад.

3. Чуброни зарар ва кафолати химояи хукукӣ ва ичтимоии хизматчиёни харбӣ ва шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсат шуда, ки дар натичаи садамаи ИБА Чернобил, дар натичаи озмоиши *силохи* ядроӣ, истифодабарии дастгоххои ядроӣ ва бархамдихии садама дар онхо, хамчунин тартиби адои хизмати харбӣ дар худуди гирифтори олудагии радиоактивӣ зарар дидаанд, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешаванд. **(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

4. Кафолати дафни хизматчиёни харбӣ, шахрвандони ба чамъомадхои харбӣ даъватшуда ва шахрвандони аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсатшудаи халокгардида (вафоткарда) бо конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мукаррар карда мешавад.

Тартиби риояи эхтиром хангоми дафн бо оинномахои умумихарбӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 17. Хукук ба тахсил ва хукук дар сохаи маданият**

1. Хизматчиёни харбӣ ба тахсил дар муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ (аз чумла ба гирифтани тахсилоти пас аз мактаби олӣ) ва дар курсхои (факултахои) омодагӣ, азнавомодасозӣ ва баландбардории ихтисоси касбии хизматчиёни харбӣ хукук доранд.

Тартиби кабули хизматчиёни харбӣ ба муассисахои номбурдаи таълимӣ ва тахсил дар онхо бо конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

Муассисахои таълимии харбии тахсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ барномахои таълимиро доир ба омодагии мутахассисон ба сохахои ба хам наздики гражданӣ амалӣ намуда, ба хатмкунандахо хуччатхои дахлдорро доир ба тахсилот медиханд.

Хизматчиёни харбие, ки дар муассисахои таълимии харбии тахсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ тахсил мекунанд, ба ичрои вазифахои бо амалигардонии барномахои таълимии касбӣ вобастанабуда танхо бо карори Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон (рохбарони вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) чалб карда мешаванд.

Шахрвандоне, ки муассисахои таълимии харбии тахсилоти олии касбиро хатм намудаанд ва ба кор ба сифати омӯзгор дар муассисахои таълимӣ кабул шудаанд, мувофики тахсилот ва пардохти музди мехнат ба шахрвандоне, ки муассисахои таълимии тахсилоти олии омӯзгориро хатм намудаанд, баробаранд.

1. Афсароне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, барои тахсил дар муассисахои таълимии гражданӣ тахсилоти олию миёнаи касбӣ ва дар шӯъбахои (курсхои) тайёрии муассисахои таълимии номбурда барои азхудкунии барномаи таълимӣ аз рӯи шаклхои гоибонаи (шабонаи) тахсил хукук доранд.
2. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, тахсил дар муассисахои таълимии граждании тахсилоти олию миёнаи касбӣ ичозат дода намешавад.
3. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва мӯхлати умумии хизмати харбии онхо панч сол ва зиёдаро (вакти тахсил дар муассисахои таълимии харбии тахсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба хисоб гирифта намешавад) ташкил мекунад, дар соли рухсатшавӣ аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, баанчомрасии мӯхлати хизмати харбӣ ё вазъи саломатӣ хукук доранд, ки азнавомодагардии касбиро аз рӯи яке аз ихтисосхои гражданӣ бе ситонидани маблаг барои тахсил ва бо нигохдории хамаи таъминот бо тартиб ва шартхое, ки аз чониби Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ шудааст) муайян карда мешавад, ба мӯхлати то се мох, хангоми рухсатшавӣ вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ аз хизмати харбӣ бошад, - то шаш мох гузаранд. Дар холати рухсатшавии хизматчиёни

харбии номбурда аз хизмати харбӣ дар давраи тахсил онхо хукук доранд давраи тахсилро ба таври ройгон ба анчом расонанд.

Харочоти азнавомодагардии касбии хизматчиёни харбии номбурда аз рӯи яке аз ихтисосхои граждани вобастабуда аз хисоби вазорату идорахое, ки дар онхо хизмати харбиро адо менамоянд, пардохт мегарданд.

1. Шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекарданд ва аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд, хукук доранд:

- ба таври ройгон гузаштани омодагии гайринавбатӣ, азнавтайёршавӣ ва баландбардории ихтисос мувофики касби интихобшуда бо тартиби мукаррарнамудаи конунгузории чорӣ, агар дорои хукуки нафакагирӣ бошанд;

- ба гирифтани тахсилоти касбӣ мувофики касби интихобшуда аз хисоби маблагхои ташкилоте, ки онхо ба кор кабул шудаанд, бо пардохти музди миёнаи маош хангоми тахсил;

- дохилшавии гайриозмунӣ ба муассисахои давлатии тахсилоти олии касбӣ ва ба курсхои таълимии ихтисосхои дахлдор;

- дохилшавӣ ба муассисахои давлатии таълимии тахсилоти касбӣ бе имтихони дохилшавӣ;

- ба курси якум ва курсхои минбаъдаи муассисахои таълимии давлатии тахсилоти миёнаи касбӣ-хатмкунандагони муассисахои таълимии миёнаи харбӣ;

- ба курси якуми муассисахои таълимии давлатии тахсилоти миёнаи касбӣ-бо тахсилоти на пасттар аз тахсилоти асосии умумӣ;

- ба курси якум ва курсхои минбаъдаи муассисахои таълимии давлатии тахсилоти олии касбӣ - онхое, ки дорои тахсилоти нопурраи олӣ ё олии харбии тахсилоти касбӣ мебошанд;

- ба шўъбахои тайёрии муассисахои таълимии давлатии тахсилоти олии касбӣ-онхое, ки муассисахои таълимоти хамагонии тахсилоти умумии миёна (пурра) ё тахсилоти миёнаи касбиро хатм намудаанд.

Кабули шахрвандони мазкур ба муассисахои давлатии тахсилоти касбӣ дар давоми соли хониш идома ёфта, аз он чумла илова ба накшаи муайяннамудаи кабули муассисаи мазкур амалӣ мегардад.

Шахрвандони дорои тахсилоти миёна ва олии харбӣ дар муассисахои давлатии тахсилоти олии касбӣ бо таври ройгон тахсил менамоянд.

1. Шахрвандоне, ки дар давраи тахсил дар муассисахои тахсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба хизмати харбӣ даъват шудаанд, хангоми рухсат шуданашон аз хизмати харбӣ хукуки давом додани тахсилро дар он муассисаи таълимие, ки то даъват шудан ба хизмати харбӣ тахсил мекарданд, доранд.

Хизматчиёни харбии дорои тахсилоти олӣ ё миёнаи касбии гражданӣ, ки тахсилоти ба ихтисоси омодагии харбӣ наздик дорад, мувофик мебошад, хангоми адои хизмати харбӣ аз рўи ин тахсилот онхо ба хизматчиёни харбие, ки муассисахои таълимии тахсилоти олӣ ё миёнаи касбии харбии дахлдорро хатм намудаанд, баробаранд.

1. Хангоми тагйири махали хизмати харбии хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, инчунин хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ аъзои оилаи онхо, ки дар муассисахои таълимии давлатӣ тахсил мекунанд (тарбия мегиранд), хукук доранд ба муассисахои таълимии ба махали нави хизмати харбӣ ё махали зист наздик буда гузаранд (кабул шаванд).

Ба фарзандони хизматчиёни харбӣ дар махали истикомати оилаи онхо дар навбати аввал дар муассисахои тахсилоти умумӣ ва томактабию истирохатгоххои тобистонаи бехдоштӣ новобаста аз шакли моликият, чой дода мешавад.

Фарзандони хизматчиёни харбӣ, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва мӯхлати умумии хизмати харбии 20-сола ва зиёда доранд, фарзандони шахрвандоне, ки аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд ва мӯхлати умумии хизмати харбии онхо 20-сол ва зиёдаро ташкил мекунад, фарзандони хизматчиёни харбие, ки хангоми ичрои ӯхдадории хизмати харбӣ халок шудаанд ё дар натичаи маъюбӣ (ярадорӣ, зарбхӯрӣ, контузия) ё бемории аснои ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ гирифташуда халок шудаанд, аз хукуки гайриконкурсӣ дохил шудан ба литсеи харбӣ, хангоми дохил шудан ба муассисахои таълимии тахсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бошад, - аз хукуки имтиёз дар сурати бомуваффакият супоридани имтихонхо ва мувофики дигар талаботхои барои дохилшавандагон мукарраршуда истифода менамоянд.

1. Хизматчиёни харбӣ дар баробари дигар шахрвандон дар сохаи фарханг дорои хукук ва озодихоанд.

Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, курсантхои муассисахои таълимии харбии тахсилоти касбӣ, тарбиятгирандагони муассисахои таълимии тахсилоти миёнаи (пурраи) умумӣ бо барномаи таълимии иловагӣ, ки максадаш омодагии харбии шахрвандони ба балогат нарасида мебошад, хангоми иштирок кардан дар чорабинихои пулакии аз чониби муассисахои фархангӣ ва варзишӣ ташкилнамуда аз имтиёзхо истифода мебаранд. Имтиёзхои номбурда аз тарафи хукуматхои шахрӣ ва нохиявӣ мукаррар карда мешаванд.

1. Дар дохили кисмхои харбӣ хизматчиёни харбӣ аз хизматрасонии китобхона ва толорхои хониш, *молу мулки* таъиноти маданӣ –равшаннамоӣ, асбобхои варзишӣ ва чихозхо ба тарики ройгон истифода намуда, кино ва филмхои видеоӣ тамошо мекунанд. **(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)**

2. Командирон ӯхдадоранд системаи чорабинихоро доир ба тарбияи ватандӯстӣ, ахлокӣ ва зебоипарастии хизматчиёни харбӣ тахия ва амалӣ намоянд, эхтиромоти анъанахои харбиро ба онхо омӯзанд, барои инкишофи фаъолияти эчодӣ шароит фарохам оваранд.

**Моддаи 18. Рафту омад дар наклиёт. Муросилоти почтавӣ**

1. Хизматчиёни харбӣ хукуки рафту омади ройгон доранд:

- дар наклиёти рохи охан, хавоӣ ва автомобилӣ (ба гайр аз таксӣ) хангоми сафари хизматӣ, вобаста бо гузаштан ба махали нави хизмати харбӣ, ба махали истифодабарии рухсатии асосӣ (таътилӣ), рухсатии иловагӣ (як маротиба дар давоми сол) танхо дар ***ху дуди***
Чумхурии Точикистон барои табобат ва бозгашт ба махали истикоматии интихобшуда хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ;
***(*
**КЧ
Т аз
02
.
01
.1
8
с.,  1
479
)**

- дар хамаи навъхои наклиёти чамъиятӣ: наклиёти шахрӣ, наздишахрӣ, ва махаллӣ новобаста аз шакли моликият (ба гайр аз таксӣ). Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд, хангоми гузаштан ба махали нави хизмати харбӣ ва рухсат шудан аз хизмати харбӣ, инчунин хукуки ба тарики ройгон бурдани то 20 тонна *молу мулки* шахсиро дар контейнерхо аз махали зисти пешина ба махали нав бо наклиёти рохи охан, дар чое, ки наклиёти рохи охан мавчуд нест - бо дигар навъхои наклиёт (ба гайр аз наклиёти хавоӣ) доранд. Дар холати бурдани *молу мулки*
шахсӣ дар вагонхои алохида, багоч ва фиристодани майдачуйда ба онхо харочотхо амалан пардохта мешаванд, вале на бештар аз кимати хамлу накл дар контейнерхо дар хачми 20 тонна;
**(КЧТ аз 27.11.14с.,  1152)**

- дар мошинхои боркаш ва автобусхои мусофиркаши кисмхои харбие, ки барои таъмини хамлу накли муташаккилонаи хизматчиёни харбӣ ба махали хизмати харбӣ ва бозгашт чудо шудаанд.

1. Аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва дар кисми хафтуми моддаи 2 Конуни мазкур зикр ёфтаанд, тибки асосхои барои хизматчиёни харбӣ мукарраршуда хукуки хамлу накли ройгонро доранд:

- аз махали истикомат ба махали хизмати харбии хизматчии харбӣ вобаста бо гузаштани ӯ ба махали нави хизмати харбӣ;

- ба махали истифодабарии рухсатӣ ва бозгашт танхо дар ***худуди*** Чумхурии Точикистон; ***(*****КЧТ аз 02.01.18с., 1479)**

- хангоми рухсат шудани хизматчии харбӣ аз хизмати харбӣ, инчунин дар вакти халок (вафот кардани), шудани хизматчии харбӣ - ба махали истикомати интихобшуда.

Аъзои оилаи хизматчии харбӣ хангоми рафтан ба махали зисти интихобшуда вобаста бо халок шудани (вафот кардани) хизматчии харбӣ хукуки ба таври ройгон бурдани то 20 тонна *молу мулки* шахсиро дар контейнерхо бо наклиёти рохи охан, дар чое, ки наклиёти рохи охан нест - бо дигар навъхои наклиёт (ба гайр аз наклиёти хавоӣ) доранд. Дар вакти бурдани *молу мулки* шахсӣ дар вагони алохида, багоч ва фиристодани майдачуйдахо ба онхо амалан харочотхои пардохт мегарданд, вале на зиёда аз кимати хамлу накл дар контейнер дар хачми 20 тонна. Дар холати халок шудани (вафот кардани) хизматчии харбӣ аъзои оилаи он (вале на зиёда аз се нафар) ба хамлу накли ройгон ба махали дафн ва бозгашт хукук доранд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

1. Шахси хамрохикунандаи хизматчии харбӣ, ки бо он ба муассисаи тиббӣ ё табобатӣ - фарогатӣ, дар рухсатии беморӣ ба махали зисти интихобшуда хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ меравад, ё ки аъзои оилаи хизматчиёни харбии хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адокунанда, ки ба муассисахои тиббӣ ё табобатӣ - фарогатӣ мераванд, агар хамрохикунӣ бо хулосаи комиссияи тиббии харбӣ зарур дониста шуда бошад, ба хамлу накли ройгон ба махали табобат (истифодабарии рухсатӣ), махали зисти интихобшуда ва бозгашт хукук дорад.

2. Дар холати бемории вазнини хизматчии харбӣ ду узви оила ё ду хешованди наздики он хукуки рафту омади ройгонро аз махали истикомати худ то махали карор доштани бемор ва бозгашт тибки асосхое, ки барои хизматчии харбӣ мукаррар шудааст, як маротиба хангоми беморӣ танхо дар ***худуди*** Чумхурии Точикистон доранд. **(КЧТ аз 02.01.18 с., №1479)**

3. Афсароне, ки аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд ва мӯхлати умумии хизмати харбии онхо бо хисоби имтиёзнок 20-сол ва зиёд аз онро ташкил мекунад, хангоми мӯхлати умумии хизмати харбии 25-сола ва зиёда бошад, новобаста аз асосхои рухсатшавӣ хукуки рафту омади ройгонро бо наклиёти рохи охан, хавоӣ ва автомобилӣ (ба гайр аз такси) ба табобати статсионарӣ тибки хулосаи комиссияи тиббии харбӣ ё ба муассисахои санаторию фарогатӣ ва бехдоштӣ (як маротиба дар давоми сол) доранд. Чунин хукукро прапоршикхои аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ рухсатшуда, ки мӯхлати умумии хизмати харбии онхо 20 сол ва зиёдаро ташкил мекунад, низ танхо дар ***худуди*** Чумхурии Точикистон доранд. **(КЧТ аз 02.01.18 с., №1479)**

4. Хизматчиёни харбӣ ба харидани чиптахо барои худ ва аъзои оилаи худ барои хамаи наклиёт бе навбат хангоми рафтан ба сафари хизматӣ, ба махали нави хизмат, хамчунин ба махали истифодабарии рухсатӣ ва бозгашт хукук доранд. Хамин тарик, хизматчиёни харбие, ки хизматӣ харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекунанд ва ба сафари хизматӣ фиристода мешаванд, аз хукукӣ бе навбат брон кардан ва гирифтани чой дар мехмонхона мувофики гувохномаи сафарӣ истифода менамоянд.

5. Хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд, хукуки ба таври ройгон фиристонидани мактубхои аз кисми харбӣ ирсолшавандаро доранд. Сару либоси шахрвандони ба хизмати харбӣ даъватшуда ба воситаи почта ба таври ройгон фиристонида мешавад.

6. Харочоте, ки ба хамлу накли хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда, аъзои оилаи онхо ва бо бурдани *молу мулки* шахсӣ бо наклиёти рохи охан, хавоӣ ва автомобилӣ (ба гайр аз таксӣ), чудо кардани чой дар мехмонхонахо

хангоми фиристонидани хизматчиёни харбӣ ба сафари хизматӣ вобастаанд, аз хисоби маблагхои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки тибки конун дар онхо хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст) бо тартиби муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон пардохта мешаванд.
**(КЧТ аз 27.11.14с., №1152)**

7. Харочоте, ки бо хамлу накли хизматчиёни харбӣ дар хамаи навъхои накліёти чамъиятии шахрӣ, наздишахрӣ ва махаллӣ новобаста аз шакли моликият (ба гайр аз таксӣ) вобастаанд, имтиёзхои мувофики хизмати почтавӣ дар ***худуди*** Чумхурии Точикистон ба хизматчиёни харбии дар моддаи мазкур додашуда аз хисоби маблагхои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), пардохт мешаванд.
**(КЧТ аз 02.01.18с., №1479)**

**Моддаи 19. Хукуки хизматчиёни харбӣ ба шикоят аз рӯи амали гайриконунӣ**

1. Хизматчиёни харбӣ хукуки химоя намудани хукук ва манфиатхои худро бо рохи мурочиат ба суд бо тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон доранд.
2. Карор ва фаъолияти (бефаъолиятии) гайриконунии макомоти идораи харбӣ ва командирон метавонад аз чониби хизматчиёни харбӣ бо тартиби пешбининамудаи конунхо, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, оинномахои умумихарбӣ боиси шикоят гардад.

**Моддаи 20. Мурофиаи судӣ нисбати хизматчиёни харбӣ ва хукуки онхо барои гирифтани**

**кӯмаки хукукӣ. Ичрои амалиёти нотариалӣ бо иштироки хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онхо**

1. Мурофиаи судӣ бо иштироки хизматчиёни харбӣ оид ба парвандаи онхо, ки дар ***ху дуди***
Чумхурии Точикистон хизмати харбиро адо мекунанд, мутобики конунхои Чумхурии Точикистон, барои хизматчиёни харбие, ки берун аз худудхои Чумхурии Точикистон хизмати харбиро адо мекунанд, гайр аз тартиботи умумии мукарраргардида меъёри хукуки байналмилалӣ ва шартномахои байналмилалии эътирофкардаи Чумхурии Точикистон амалӣ гардонида мешаванд.
***(***
**КЧТ аз 02.01.18 с., № 1479)**

2.Хукуки химояи хизматчиёни харбӣ бо тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон таъмин карда мешавад.

1. Кӯмаки хукукии ройгон расонида мешавад:

- аз чониби макомоти харбии идоракунӣ ва макомоти харбии адлия дар худуди ӯхдадорихои хизматиашон ба хамаи хизматчиёни харбӣ, шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо оид ба масъалахои вобаста ба гузаштани хизмати харбӣ;

- аз чониби макомоти тафтишоти пешакӣ, прокурорхо, судхое, ки дар ихтиёрашон парвандахои чиноӣ доранд.

Идорахои машварати хукукӣ ва коллегияи адвокатхо ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро аз рӯи даъват адо менамоянд, оид ба масъалахои адои хизмати харбӣ, инчунин дигар асосхои мукарраркардаи конунхо кӯмаки хукукии ройгон мерасонанд.

1. Командирони кисмхои харбӣ хамчун шахсони мансабдори хокимияти ичроия амалиёти нотариалиро бо иштироки хизматчиёни харбӣ, шахрвандоне, ки ба хизмати харбӣ дохил мешаванд, аъзои оилаи онхо дар холату тартиби мукаррарнамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон мегузаронанд.

**Моддаи 21. Рухсатшавии шахрвандон аз хизмати харбӣ ва хукуки таъминшавӣ бо кор**

1. Хизматчиёни харбӣ- шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо менамоянд ва ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан нарасидаанд, аз хизмати харбӣ бе розигии онхо то пайдо кардани хукуки гирифтани нафака аз рӯи собикаи кор озод карда намешаванд, ба истисноии холатхои рухсатии пеш аз мӯхлат, ки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ» мукаррар намудааст.
2. Агар хизматчии харбие, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо менамояд, аз хизмати харбӣ беасос рухсат шавад, зиёни ба ин муносибат дидаи ӯ бояд пурра чуброн карда шавад. Товони зиёни маънавие, ки аз ин рухсатшавӣ ба ӯ расидааст, низ бояд дар асоси изхори хохиши хизматчии харбӣ бо карори суд дода шавад. Ин кабил хизматчиёни харбӣ ба вазифаи пештараи хизмати харбӣ (бо хохиши худаш ба вазифаи баробар, ё вазифаи поёнтар) баркарор намуда, бо хама намуди музд ва таъминоте, ки баъди беасос чавоб шуданашон нагирифтаанд, таъмин карда мешаванд. Ин давра ба мӯхлати умумии хизмати харбӣ ва ба мӯхлате, ки барои додани унвони навбатии харбӣ муайян шудааст, хисоб карда мешавад.
3. *Ба хизматчиёни харбӣ хангоми аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ*

*рухсатшуда кӯмакпулии яквакта хангоми доштани мӯхлати умумии хизмати харбии зерин бо хисоби таквимӣ пардохта мешавад:*

*- то 5 сол ба андозаи 1 маоши таъминоти пулӣ;*

*- аз 5 то 10 сол ба андозаи 2 маоши таъминоти пулӣ;*

*- аз 10 то 20 сол ба андозаи 3 маоши таъминоти пулӣ;*

*- зиёда аз 20 сол ба андозаи 4 маоши таъминоти пулӣ.* **(КЧТ аз 1.08.12с., 885)**

Андоза ва тартиби ба шахрвандони аз хизмати харбӣ бо дигар асосхо рухсатшуда пардохти кӯмакпулии яквактаи дар хамин банди модда номбурдаро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян менамояд.

Ба хизматчиёни харбӣ-шахрвандон, ки дар давоми хизмати харбӣ бо орден ё унвонхои фахрии Чумхурии Точикистон сазовор шудаанд андози кӯмакпулии яквакта дар хачми ду маоши таъминоти пулӣ зиёд карда мешавад.

1. Ба хизматчиёни харбие, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд, хангоми рухсат шудан аз хизмати харбӣ кӯмакпулии яквакта баробар ба ду андозаи *нишондиханда барои хисобхо* , ба шахсони, аз чумлаи кӯдакони ятиммонда ва кӯдакони бепарастормонда бошад, ба андозаи панч *нишондиханда барои хисобхо* пардохта мешавад.

2. Барои хизматчиёни харбие, ки мувофики расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, пурра расидани собикаи хизмати харбӣ, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ рухсат шудаанд, бахисобгирии андозаи нафака аз рӯи маоши пурраи таъминоти пулӣ сурат мегирад. Хама гуна махдудият оид ба пардохти нафака манъ аст.

3. Андозаи нафакаи хизматчиёни харбии рухсатшуда ва шахсони тибки конунхо,

дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ба монанди хизматчиёни харбӣ нафака таъиншаванда, ки бо тартиби мукарраршуда барои кор (адои хизмати харбӣ) ба дигар макомот ё берун аз Чумхурии Точикистон фиристодашуда бо асъори хоричӣ маош мегиранд, аз рӯи маоши мукаррарнамудаи вазифаи штатии ишголкардаи онхо то фиристодан ба макомот ё беруни аз Чумхурии Точикистон хисоб карда мешавад.

4. Барои хизматчиёни харбие, ки мувофики расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабинихои ташкилию штатӣ бе хукуки ба нафака баромадан рухсат шудаанд, дар давоми як сол пас аз рухсат шудан пардохти маош аз рӯи рутбаи харбӣ нигох дошта мешавад.

5. Ба шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда ва аъзои оилаи онхо барои таъмини кор ва таъминоти ичтимоӣ хукукхои зерини иловагӣ мукаррар карда мешавад:

- аз чониби макомоти хадамоти давлатии шугли ахолӣ дар навбати аввал додани кор дар ташкилотхои давлатӣ бо назардошти ихтисоси онхо;

- дар давоми се мохи пас аз рухсатшавӣ аз хизмати харбӣ барои шахрвандоне, ки то даъват (дохилшавӣ) ба хизмати харбӣ дар ташкилотхои давлатӣ кор кардаанд, нигох доштани хукуки дохилшавӣ ба кор дар хамон ташкилотхо, барои онхое, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо мекунанд, (аз чумла афсароне, ки ба хизмати харбӣ даъват шудаанд)- чунин хукук ба вазифаи на пасттар аз вазифаи то даъват ба хизмати харбӣ ишголкардаи онхо;

- ба хисоб гирифтани вакти хизмати харбӣ ба собикаи бефосилаи кор мутобики моддаи 10 Конуни мазкур, агар фосила байни рӯзи рухсатшавӣ аз хизмати харбӣ ва рӯзи кабул ба кор (дохилшавӣ ба муассисаи таълимӣ) аз як сол зиёд набошад, барои собикадорони амалиёти чангӣ, ки ӯхдадорихои хизмати харбиро дар шароити холатхои фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона ичро кардаанд, шахрвандоне, ки мӯхлати умумии хизмати харбиашон бо хисоби имтиёз 20-сол ва зиёдаро ташкил кунад, - новобаста аз мӯхлати фосила;

- хукуки афзалиятноки мондан ба коре, ки онхо аввалин бор дохил шудаанд, хангоми ихтисори кормандон;

- таьминоти шахрвандоне, ки мувофики вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ аз хизмати харбӣ бо хукуки гирифтани нафака рухсат шудаанд, ба тарики ройгон гирифтани тахсилоти касбӣ бе пардохти стипендия ба онхо дар давраи

тахсил;

- ба шахрвандоне, ки баъди адои хизмати харбии мувофики даъват рухсатшуда ва ба чои кори пешина кабулшуда додани кўмаки моддӣ бо тартиби муайяннамудаи Хукумати Чумхурии Точикистон барои дар ибтидо ба рох мондани кори хочагии шахсӣ;

- дар мўхлати на дертар аз як мохи мурочиати шахрвандони аз хизмати харбӣ рухсатшуда додани чой барои фарзандони онхо дар муассисахои тахсилоти хамагонӣ ва тахсилоти томактабию истирохатгоххои тобистонаи бехдоштӣ новобаста аз шакли моликият;

- ба хисоб гирифтани вакти хизмати харбӣ ба собикаи хизмати давлатии хизматчии давлатӣ хангоми дохилшавӣ ба кор дар макомоти хокимияти давлатӣ.

1. Ба модарони танхои хизматчиёни харбӣ, ки хизмати харбиро мувофики даъват адо менамоянд, хангоми ихтисори шумора ва штатхои коргарон хукуки афзалиятноки мондан ба кор дода мешавад.

**Моддаи 22. Хифзи ичтимоии аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки саробонашонро аз даст додаанд**

1. Аъзои оилаи хизматчиёни харбии халокшуда (вафоткарда) хукуки нафака гирифтанро дар холати аз даст додани саробон, ки тибки конунгузории нафакаи Чумхурии Точикистон таъин ва пардохт мегардад, доранд.
2. Аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки саробонашонро аз даст додаанд, дар холати катъ гардидани муносибатхои мехнатии аъзои оила бо ташкилотхои дахлдор аз манзили истикоматии ишголнамудаи онхо бе ба онхо хатман додани дигар манзили ободи истикоматӣ бароварда намешаванд, барои онхо пас аз халоки (вафоти) хизматчии харбӣ

хукуки бехтар сохтани шароити манзилӣ мутобики конунхо ва дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон нигох дошта мешавад.

3. Аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки саробонашонро аз даст додаанд, хукуки имтиёзро ба гирифтани китъаи замин барои сохтмони манзилӣ алохида доранд.

4. Барои аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки дар давраи адои хизмати харбӣ халок шудаанд (вафот кардаанд) ва аъзои оилаи шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо мекарданд, хукук ва гирифтани хонаи истикоматӣ, имтиёзхо аз рӯи пардохти манзил, хизматрасонии коммуналӣ, ки онхо то рӯзи халоки (вафоти) хизматчии харбӣ (шархванд), новобаста аз шакли моликият ва мансубияти манзили ишголкарда доштанд, хангоми истикомати онхо дар хонахои маркази гармӣ надошта бошад, барои дар навбати аввал таъмин намудан бо додани кимати 50% пардохти сӯзишворие, ки дар доираи меъёрхои барои фурӯш ва ба ахолӣ расонидани он мукаррар шудааст, нигох дошта мешавад.

5. Харочотхое, ки бо додани имтиёзхо доир ба пардохти майдони умумии бинои истикоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ, гузарондани телефонхои хонагӣ, хакки истифодабарии онхо вобастаанд, аз хисоби маблагхои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон (вазорату идорахое, ки дар онхо тибки конун хизмати харбӣ пешбинӣ гардидааст), пардохт карда мешаванд.

6. Макомоти махаллии хокимияти давлатӣ таъмири асосии хонахое, ки дар онхо аъзои оилаи хизматчиёни харбии саробонашонро аздастдода истикомат мекунанд, аз хисоби маблагхои бучети махалӣ амалӣ мегардонанд.

7. Ба волидайн, хамсарон ва кудакони ба балогат нарасидаи хизматчиёни харбие, ки хангоми ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ халок шудаанд (вафот кардаанд), хукуки кӯмаки тиббии ройгон ва хукуки имтиёзнок ба хизматрасонии ичтимоӣ дар макомоти давлатии хадамоти ичтимоӣ дода мешавад.

8. Барои аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки дар давраи адои хизмати харбӣ халок шудаанд (вафот карданд) ва аъзои оилаи шахрвандоне, ки хизмати харбиро бо тартиби ихтиёрӣ адо карда пас аз рухсат шудан аз хизмати харбӣ бо расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ халок шудаанд (вафот карданд), ба гайр аз имтиёзхо, кафолат ва чубронхои дар кисмхои дуюм-чоруми моддаи мазкур зикрёфта дар давоми як сол аз рӯзи халоки (вафоти) саробон дигар имтиёзхо, кафолат ва чубронхое, ки онхо хангоми дар хаёт будани хизматчиёни харбии (шахрвандони) номбурда истифода мебурданд, нигох дошта мешаванд, агар тибки конун, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

9. Ба аъзои оилаи хизматчиёни харбии хангоми ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ халокшуда (вафоткарда) дар катори имтиёзхо, кафолатхо ва чубронпулихое, ки Конуни мазкур пешбинӣ намудааст, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукуки Чумхурии Точикистон ба таври илова дигар имтиёзхо, кафолатхо ва чубронпулихо мукаррар карда мешаванд.

10. Барои хамсарони хизматчиёни харбие, ки хангоми адои хизмати харбии бо тартиби ихтиёрӣ ё пас аз расидан ба синни нихоии дар хизмати харбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста ба чорабинихои ташкилию штатӣ аз хизмати харбӣ рухсат шуда халок шудаанд (вафот кардаанд), мӯхлати умумии хизмати харбии 20-сола ва зиёда доштанд, имтиёзхо, кафолатхо ва чубронхои дар кисмхои дуюм-чоруми моддаи мазкур номбурда то аз нав ба кайди никох

даромадан нигох дошта мешаванд.

**Моддаи 23. Имтиёзхо, кафолатхо ва чубронхои иловагӣ ба хизматчиёни харбӣ, ки дар**

**шароити холатхои фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона ўхдадорихои**

**хизмати харбиро ичро менамоянд ва аъзои оилаи онхо**

1. Ба хизматчиёни харбие, ки ба таври доимӣ ва муваккатан вазифахоро дар шароити холатхои фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона ичро мекунанд, тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон имтиёзхо, кафолату чубронпулихои иловагӣ дода мешаванд.
2. Барои аъзои оилаи хизматчиёни харбие, ки хангоми ичрои вазифа дар шароити холатхои фавкулодда ва хангоми мунокишахои мусаллахона халок шудаанд, имтиёзхо, кафолатхою чубронпулихои амалкунандаи нисбати аъзоёни оилаи хизматчиёни харбии дар Чанги Бузурги Ватанӣ халокшуда татбик мегардад.

**БОБИ III.**

**ЎХДАДОРӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ХИЗМАТЧИЁНИ ХАРБӢ**

**Моддаи 24. Ўхдадории умумӣ**

Хифзи истиклолияти давлатӣ ва тамомияти марзии Чумхурии Точикистон, таъмини бехатарии давлат, баргардонидани хучуми мусаллахона, инчунин ичрои вазифахо мутобики ўхдадорихои байналмилалии Чумхурии Точикистон мохияти карзи харбиро ташкил намуда, хизматчиёни харбиро ўхдадор менамоянд, ки:

- ба Савганди харбӣ бахри ба халк фидокорона хизмат кардан, мардонавор ва мохирона хифз намудани Ватани худ содик бошанд;

- Конститутсияи Чумхурии Точикистон ва конунхои Чумхурии Точикистон, талаботхои оинномахои умумихарбиро катъиян риоя намуда, фармонхои командиронро бечунучаро ичро намоянд; ***(*КЧТ аз 02.01.18 с., 1479)**

- шаъну шарафи чангии химоякунандагони халки худ, шарафи рутбаи харбӣ ва рафикони хамхизматро нигох доранд;

- махорати харбиро такмил диханд, аслиха ва техникаи чангиро барои истифодабарӣ дар холати омодагии доимӣ нигох доранд, *молу мулки* харбиро хифз намоянд; **(КЧТ аз 27.11.14с., 1152)**

- боинтизом ва хушёр бошанд, сирри давлатӣ ва харбиро хифз намоянд;

- усулхои маъмул ва меъёрхои хукуки байналмилалӣ ва шартномахои байналмилалии аз тарафи Чумхурии Точикистон эътирофкардаро риоя намоянд.

Хизматчиёни харбӣ дар холатхои пешбининамудаи Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ўхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ» ичрокунандагони ўхдадорихои харбӣ хисоб меёбанд.

**Моддаи 25. Ўхдадорихои вазифавӣ ва махсус**

1. Ўхдадорихои вазифавии хизматчиёни харбӣ ва тартиби ичрои онхо тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва оинномахои умумихарбӣ муайян карда мешаванд.
2. Командирон сардорони ягона мебошанд ва дар давраи осоиштаю чанг барои омодагии доимии чангию сафарбарӣ, ичрои бомуваффакияти супоришхои чангӣ, омодагии чангӣ, тарбия, интизоми харбӣ, тартиботи хукукӣ, холати маънавию рўхии хайати шахсӣ ва бехатарии хизмати харбӣ, холат ва нигохдории аслиха, техникаи харбӣ ва *молу мулки* харбӣ, таъминоти моддӣ, техникӣ, молиявӣ, маишӣ ва хизматрасонии тиббӣ чавоб медиханд.
3. Хизматчиёни харбие, ки дар навбатдории чангӣ (хизмати чангӣ), нарядхои шабонарўзию гарнизонӣ карор доранд, барои бархам додани окибатхои офатхои табиӣ, инчунин дигар холатхои фавкулодда чалб шудаанд, ўхдадорихои махсусро ичро мекунанд. Ўхдадорихои махсус ва тартиби ичрои онхоро конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва оинномахои умумихарбӣ мукаррар мекунанд.

Барои ичрои ўхдадорихои махсус хизматчиёни харбӣ метавонанд хукукхои иловагӣ (барои истифодаи аслиха, кувва, пешниходи талаботхое, ки барои ичроиш хатмиянду ва тахти назорати шахсони муайян мебошанд ва дигар хукукхо) гиранд, ки тибки конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон ва оинномахои умумихарбӣ муайян мегарданд.

### Моддаи 26. Масъулияти хизматчиёни харбӣ барои хукуквайронкунӣ

1. Хизматчиёни харбӣ вобаста ба хусусият ва вазнинии хукуквайронкунии содиршуда ба чавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, моддӣ, хукукии гражданӣ ва чиноятӣ кашида мешаванд.
2. Барои рафтори ношоям бо вайрон намудани интизоми харбӣ ё тартиботи чамъиятӣ вобастабуда хизматчиёни харбӣ мувофики асосхо ва бо тартиби муайяннамудаи оинномахои умумихарбӣ ба чавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.

Командирон барои аз чониби шахсони тобеи онхо содир гардидани конунвайронкунихо ба чавобгарии интизомӣ кашида намешаванд, ба истиснои холатхое, ки командирон чиноятро пинхон намудаанд, хамчунин дар доираи салохияти худ доир ба огохсозӣ ва пешгирӣ кардани конунвайронкунихои содиршуда ба чавобгарӣ кашидани шахсони гунахгор чорахои зарурӣ надидаанд.

1. Барои конунвайронкунии маъмурӣ дар асоси тартиби муайяннамудаи оинномахои умумихарбӣ хизматчиёни харбӣ ба чавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.
2. Барои зарари моддии хангоми ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ ба давлат расонидашуда хизматчиёни харбӣ бо тартиби мукарраркардаи конун ба чавобгарии моддӣ кашида мешаванд.
3. Барои ичро накардан, ё нодуруст ичро намудани ӯхдадорихои пешбининамудаи конунхо, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, барои зиён ва зарари маънавии расондаи хизматчиёни харбии хангоми ичрои ӯхдадорихои хизмати харбӣ карорнадошта ба давлат, шахсони вокеию хукукӣ ва дар дигар холатхои пешбининамудаи конунхо ва дигар санадхои меъёрии хукукӣ ба чавобгарии гражданӣ кашида мешаванд.

Барои содир намудани чиноят хизматчиёни харбӣ тибки Кодекси чиноятии Чумхурии Точикистон ба чавобгарии чиноятӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор сокит донистани Конуни Чумхурии Точикистон**

**«Дар бораи статус ва замонатхои химояи ичтимоӣ ва хукукии хизматчиёни харбӣ ва ахли оилаи онхо»**

Конуни Чумхурии Точикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи статус ва замонатхои химояи ичтимоӣ ва хукукии хизматчиёни харбӣ ва ахли оилаи онхо» (Ахбори Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон, соли 1993, № 15-16, мод. 348; Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, соли 2000, № 11, мод. 531; соли 2002, № 4, к. 1, мод. 257; соли 2003, № 12, мод. 687) аз эътибор сокит дониста шавад.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал карор додани Конуни мазкур**

Конуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал карор дода шавад.

Президенти

Чумхурии Точикистон
Э.Рахмонов

ш. Душанбе, 1 марти соли 2005

№ 90